бабру ҳам шер ҳалок гардида ба ду тараф афтоданд. Харгӯши зирак бошад, ҷон ба саломат бурда, бо хотири осуда ба хонааш баргашт.

**Савол ва супориш:**

**1.** Чаро харгӯш зирак будааст?
**2.** Харгӯш ба воситаи чӣ худро аз чанголи бабр наҷот дод?
**3.** Бабри ғуррон бо чӣ дар ҷанг даромад?
**4.** Оқибати кори ин ду ҷонвари ваҳшӣ бо чӣ анҷомид?
**5.** Зиракии харгӯшро аз чӣ пай бурдед, нақл кунед.

**Машқи 1.** Матнро бори дигар аз назар гузаронед ва феълҳоро интихоб карда нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.
**Машқи 2.** Ба мазмуни афсонаи «Харгӯши зирак» такя карда нақли хаттӣ нависед.

**Нақшаи нақл:**
**1.** Зиндагии харгӯш дар беша.
**2.** Ба бабри бадҳайбат дучор омадани харгӯш.
**3.** Тадбири харгӯш (заргӯш) ва задухӯрд кардани онҳо (шеру бабр).
**4.** Ба шер дучор шудани бабр.
**5.** Ҳалок шудани бабру шер.
**6.** Наҷот ёфтани харгӯши зирак.
**7.** Хулоса.

## ДАРСҲОИ 203–204

## 6. ПЕШОЯНДҲО

Пешояндҳо – **аз**, **ба**, **дар**, **бо**, **бе**, **то**, **барои** ва ғайра мебошанд. Барои он пешоянд мегӯем, ки ин калимаҳо ҳиссаҳои ёрирасони нутқанд ва пеш аз ҳиссаҳои мустақили нутқ меоянд. Пешояндҳо дар алоҳидагӣ маъно надоранд. Аммо вақте ки онҳо бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ ҳамроҳ мешаванд, маъно пайдо мекунанд. Мисол: хона омадам, аз хона омадам. Бинед, ки «хона омадам» маънои худро дорад, аммо вақте ки пешоянди «аз» илова мешаваду онро «аз хона

омадам» мехонем, маъно дигар мешавад, яъне аз куҷо омаданро мефаҳмонад. Мисоли дигар: Ба меҳнат кардан одат кунед, зиндагӣ хуб мешавад. Агар мо дар ин ҷумла пешоянди «ба»-ро истифода набарем, ҷумла маънои пурраро ифода намекунад. Пешояндҳо макон (аз хона), тараф (ба поён), ҳамроҳӣ (бо рафиқам) ва дигар маъноҳоро ифода мекунанд.

**Супориш:**

**1.** Пешояндҳоро дар хотир гиред.

**2.** Мусобиқаи «байтбарак» гузаронед.

## БАҲОР, ХУШ ОМАДӢ, БИЁ!

Инак зимистон пасӣ сар шуд. Фасли сармо ҷои худро ба арӯси сол – фасли баҳор дод. Баҳор фаслест, ки табиат бедор мешавад. Обҳои мусаффо аз кӯҳсорон ба ҷӯйборон ва дарёҳо равон мегарданд. Он парандаҳое, ки пеш аз зимистон ба ҷойҳои гарм парида рафта буданд, боз баргашта, баробари мо баҳорро пешвоз мегиранд.

Баҳорро ҳама дӯст медоранд, чунки дар баҳор ҳаво мӯътадил мешавад. Аз ин рӯ мо аз фаро расидани ин фасли нозанин хеле хушнуд мегардем.



## АРҒУНЧАК

Наврӯз оғози фасли баҳор, айёми кишту кор аст. Наврӯзро бо шодию нишот пешвоз мегиранд. Ҳар навъ бозиҳо ташкил мекунанд. Дар рӯзҳои иди Наврӯз калонсолон барои духтарон дар шоххҳои дарахтон арғунчак мебанданд. Онҳо навбат ба навбат мепаранд. Агар дар вақти арғунчакпарӣ нағз ҳаво гиранду аз шохи дарахт нишонае гирифта, ба дугонаҳояшон диҳанд, пайи ҳам ду навбат мепаранд. Арғунчакпарӣ сурудҳои худро дорад.

Яке аз онҳо ин аст:

Ҳаво, ҳаводор-е,
Барги сафедор-е,
Уштури қаторе-е,
Сандуқи пурбор-е.
Ҳаво, ҳаводор-е
Барги сафедор-е!..
Ё ки ин хел месароянд:
Арғунчаку белинчак,
Ман духтари келинчак.
Келинчак хамир кардаст,
Камтарак фатир кардаст.
Ордакаш камӣ кардаст,
Ҳезумаш намӣ кардаст.
Бобош ба ҳезум рафтаст,
Арғамчина гум кардаст.
Арғамчин дар боғи мо,
Боғи мевадори мо.

**Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»**

**Супориш:** Матнҳоро ифоданок хонед.

**Машқи 1.** Матни дуюмро аз назар гузаронед ва пешояндҳояшро интихоб карда нависед.

**Машқи 2.** Ҷумлаҳоро нависед, ҳангоми навишт ба ҷои нуқтаҳо пешояндҳои мувофиқ гузоред.

**1.** ... боғи мо анор, анҷир, ангур ва себ бисёр аст.

**2.** Ин боғро бобоям ... амакам бино кардаанд.

**3.** Ҳама одамон ... бобою амакам раҳмат мегӯянд.
**4.** Мо ҳар сол бехи дарахтонро ... белу каланд канда суст мекунем.
Пешояндҳо барои истифода: дар, бо, ба, бо.

**Машқи 3.** Матнро хонед, аз ёд кунед.

**Супориш:** Ба сайри дашту саҳро омодагӣ гиред ва оид ба баҳор шеърҳо аз ёд кунед.

## НАВРӮЗӢ

Наврӯзи навбаҳор аст,
Гул дар миёни хор аст.
Ғунча даҳон кушода,
Булбул чӣ беқарор аст.
Наврӯзи навбаҳорон,
Чу мавсими гул омад,
Ба шохи гул нишаста,
Хониши булбул омад.
Наврӯзи навбаҳорон,
Ба гулрухон муборак,
Ин рӯзи шоду хандон,
Ба кӯдакон муборак!

**Супориш:**
**1.** Бо пешояндҳои **аз, бо, бе** – яктоӣ ҷумла тартиб дода нависед.
**2.** Оид ба ҷашнгирии иди Наврӯз ҳикоя кунед.

## ДАРСҲОИ 205–206

## ЗАН-МОДАР

Бачаҳои азиз! Вақте, ки мо калимаҳои «Зан»-ро ба забон мегирем, зери он мафҳумҳои модар, хоҳар, апа, хола, бибӣ ва ғайра пеши назарамон меоянд.

Занро Худованди бузург ҳамчун мӯъҷиза офаридааст. Бале, зан он мӯъҷизаест, ки ҳамаи мардуми оламро тавлид карда парвариш

намудааст. Бесабаб нагуфтаанд, ки зан бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро меҷунбонад.

Шоири бузург Мирзо Турсунзода дар бораи зан-модар бисёр хуб гуфтааст:

Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.

Матнҳои зерро хонед ва донед, ки бузургон занро чӣ гуна васф кардаанд:

Дар хонае, ки зан нест, хушӣ ва рӯшноӣ вуҷуд надорад, бинобар ин занон шамъу чароғи хонадонанд.

**Ҳазрати Муҳаммад (с)**

Зан ҳамсони мард озод офарида шудааст. Бигузоред, ки ин офаридаи зебо озод зиндагӣ кунад.

**Шекспир**

Шеърро ифоданок хонед. Исму сифатҳояшро номбар намоед.

## МОДАР

Азизу меҳрубонам кист? – Модар!
Фурӯғи дидагонам кист? – Модар!
Забони модарӣ омӯхт бар ман,
Ҳамеша дар забонам кист? – Модар!
Сафои рӯи олам маҳтоб аст,
Сафои хонадонам кист? – Модар!
Маро беҳтар зи ҷон донист умре,
Гиромитар зи ҷонам кист? – Модар!

**Абдулло Қодирӣ**

**Луғат:**

***Ҳамсон*** – мисли, монанди.
***Фурӯғ*** – рӯшноӣ.
***Зист кунад*** – зиндагонӣ кунад.
***Сафо*** – равшанӣ.

### Савол ва супориш:

**1.** Чаро шоир модарро азизу меҳрубон медонад?
**2.** Барои чӣ шоир модарро фурӯғи дидагон ва сафои хонадон мегӯяд?

**3.** Барои чӣ мо модарро аз ҷон ҳам беҳтар ва азизтар меҳисобем?
**4.** Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Матнҳоро хонед ва ба мазмунашон диққат диҳед.
**Машқи 2.** Гуфтаҳои бузургонро, ки занро васф кардаанд, такроран хонед ва мазмунашонро аз хотир набароред.
**Машқи 3.** Хонед: Биҳишт зери қадами модарон аст.
**Супориш:**
**1.** Гуфтаҳои Муҳаммад пайғамбарро нависед ва дар хотир нигоҳ доред.
**2.** Дар бораи модаратон ҳикояча нависед.
**3.** Исму сифат ва феълҳои ҳикоячаро муайян карда нависед ва ба зерашон хат кашед.

## ДАРСҲОИ 207–208

### БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори лолазор омад!
Ба рӯи сабза борон шуд,
Ҳама олам гулистон шуд,
Камарҳо ҷумла бӯстон шуд,
Баҳори лолазор омад!
Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии зардӯзӣ,
Баҳори лолазор омад!
Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Хӯроки кабки дилтанг аст,
Миёни хору ҳам санг аст,
Баҳори лолазор омад!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,
Аз ин дилҳо чӣ хурсанд аст,
Баҳори лолазор омад!
Гули сияҳгӯш лабгардон,
Камарбанди ҷавонмардон,
Аз ӯ ҳам мард, зан хандон,
Баҳори лолазор омад!
Чу лайлак дар Ҳисор омад,
Ба ҳар шохи чинор омад,
Зимистон буд, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Баҳор омад ба меҳмонӣ,
Ба таърифаш суруд хонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ,
Баҳори лолазор омад!

## ЧИСТОН

Сафарҳойтун сафар кард,
Ҳафт кишварро хабар кард. (раъду . . . )

**Машқи 1.** Пешояндҳоро аз матн интихоб карда нависед ва баъд фаҳмонед, ки кадом пешоянд дар матн зиёдтар истифода шудааст.
**Машқи 2.** Аз матн чор бандро интихобан нависед.
**Машқи 3.** Се банди аввали шеърро ба наср гардонед.

**Супориш:**

**1.** Аввал ҷумлаҳои навиштаатонро бо пешоянд хонед ва баъд пешояндҳоро истифода набурда қироат кунед.
**2.** Гӯед, ки оё бе истифодабарии пешояндҳо маънои ҷумлаҳо тағйир ёфт ё не. Дар хотир гиред: **Ба, бо, бе, бар, дар, аз, барои, то** ҷуз пешоянд мебошанд.
**3.** Аҳамияти ин пешояндҳоро дар тартиб додани ҷумлаҳо фаҳмонед ва бо чанде аз онҳо ҷумлаҳо созед.

**Намуна:** Мо ба тамошои боғ баромадем. Боғ барои мо бисёр маъқул шуд.

**4.** Навиштанро давом диҳед: Дар боғ меваҳои ...
**5.** Шеъри «Баҳор омад»-ро ифоданок хонед ва аз бар кунед.
**6.** Якчанд номи гулро нависед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

### ДАРСҲОИ 209–210

## АЙЁМИ БАҲОРОН АСТ

Айёми баҳорон аст,
Гулбод гулафшон аст,
Гӯё ки садои дил
Дар чак-чаки борон аст.
Тундар ба хурӯш ояд,
Дарёча ба ҷӯш ояд,
Аз ҷоми гули лола,
Фарёди бинӯш ояд.

Дар боғ наво резад,
Сад гуна садо резад,
Овози дили булбул,
Аз боди сабо резад.
Хуршед кашад шона
Бар кокули ҷонона,
Шабнам ба кафи савсан,
Чун ҳадяи тӯёна.

Он шӯх нигор омад,
Наврӯзи диёр омад,
Аз ҳар гулу ҳар сабза,
Пайғоми баҳор омад.

Айёми баҳорон аст,
Гулбод гулафшон аст,
Гӯё ки садои дил
Дар чак-чаки борон аст.

**Ҳабибулло Файзулло**

## ЧИСТОНҲО

**1.** Ман дар сари сабад,
Ман ҷингиламӯй,
Ман нозуки оламам,
Ҷавоби мана гӯй. ( . ул)

**2.** Гар даҳонаш бикшояд,
Бӯи хуш пайдо шавад. (г. . )

**3.** Он чист дар саҳаргоҳ,
Аз ғунча мекушояд,
Ҳар кас ба даст бигирад,
Аз вай роҳат меёбад. (г. л)

## ДАРСҲОИ 211–212

## НЕЪМАТИ БАҲОРОН АСТ

Ҳар хулбӯи лаби ҷӯ
Бӯи аҷибе дорад.
Агар барӣ ба машом,
Бӯяш ба кас мефорад.
Модарам доим ба ман,
Мегӯяд, ки рафта чин.
Ман мепазам санбӯса,
Хӯру маззаашро бин.
Ба ҳамаи дард даво,
Неъмати баҳорон аст.

Кони анбару соро
Бомаза аз торон аст.
Рафта аз он мечинам,
Ҳамеша даста-даста.
Ба модарам меорам,
Аз он даста гулдаста.
Бале, мегӯяд ба ман,
Модари меҳрубонам,
Ту дастёри хона,
Модари ҷисму ҷонам.

**Наимҷон Назирӣ**

**Супориш:** Шеърро ифоданок хонед.

**Машқи 1.** Аз матн мисраъҳои пешояндДорро интихоб карда нависед ва зери пешояндҳо хатча кашед.

**Супориш:** Санчед,ки ин пешояндҳо аз қабили **дар, ба, аз, бар** дар матн мавҷуданд ё не.

**Машқи 2.** Бо пешояндҳои **аз, ба, дар, бо** – яктоӣ ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

**Намуна:** Дар боғи мо дарахтони мевадор бисёранд.

**Супориш:** Алоқаи пешояндҳоро бо исму сифат ва феъл фаҳмонед.

**Таъкид:** Пешояндҳо барои маънодор кардани ҷумлаҳо хизмат мекунанд. Пешояндҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо навишта мешаванд.

Ҳар хулбӯи лаби ҷӯ,
Бӯйи аҷиб дорад.
Агар барӣ ба машом,
Бӯяш ба кас мефорад.

**Супориш:**

**1.** 4 мисраи аввали матнро нависед.

**2.** Бо пешояндҳои **дар, бо, аз** яктогӣ ҷумла тартиб диҳед.

**3.** Баъд аз тартиб додани ҷумлаҳо аввал онро бо пешоянд ва баъд бе пешоянд қироат кунед ва ба маънои ҷумлаҳо диққат диҳед.

**4.** Матнро аз назм ба наср гардонед. Пас пешояндҳояшро номбар кунед.

## ДАРСҲОИ 213–214

## ИМЛОИ САНҶИШ

## ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ ПЕШОЯНДҲО

**1.** Пешояндҳо калима ва ҷумлаҳоро маънодор мекунанд.

**2.** Пешояндҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд.

**3.** Пешояндҳо сӯй-тараф, макон, масофа ва маъноҳои дигарро мефаҳмонанд.

**Мисол**: Сӯй – Деҳқонон ба саҳро рафтанд.
Макон – Дар саҳро ҳосили ғалладона фаровон буд.
Масофа – Аз шаҳри Душанбе то ноҳияи Ҳисор тақрибан 20 километр роҳ аст.

**4.** Дар баъзе ҷумлаҳо истифода набурдани пешояндҳо боиси халалдор гаштани маънии ҷумла мегардад.

**Мисол:**

**Нодуруст**

... боғи мактаби мо меваҳо бисёранд.

**Дуруст**

Дар боғи мактаби мо меваҳо бисёранд.

**Супориш:**

**1.** Пешояндҳоро такрор карда онҳоро дар ёд нигоҳ доред.
**Таъкид:** аз, ба, дар, бо, бе, барои, ҷуз пешоянд мебошанд.
Пешояндҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқанд.

**2.** Бо ҳар пешоянд интихобан яктогӣ ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

**ДАРСҲОИ 215–216**

## 7. ҶУМЛА

Дар дарсҳои гузашта мо бо **калима**, **исм, феъл, сифат** ва **пешояндҳо** шинос шуда будем. Дар ҳама матнҳо оид ба мавзӯъҳои номбаршуда ҷумлаҳоро истифода мебурдем.

Ҷумлаҳо се хел: хабарӣ, саволӣ, хитобӣ мешаванд.

Ҷумлаҳо аз калимаҳо таркиб меёбанд.

Аз калимаҳо ҷумла месозем ва аз ҷумлаҳо матн. Матн бошад, фикрҳоро ҷамъбаст мекунад. Фикрҳои мо бо ёрии калимаҳо ва ҷумлаҳо ифода карда мешаванд.

Матн бо ёрии ҷумлаҳо дар шакли тайёр аз тарафи нависанда ё гӯянда сохта мешавад.

Матнҳоро бо ёрии қалам дар коғаз ё чизи дигар навишта мемонанд ва аз онҳо китоб, маҷаллаю рӯзнома тартиб медиҳанд. Ин кор барои он карда мешавад, ки фикрҳои одамон фаромӯш нашаванд ва аз ин матнҳо дигарон ҳам истифода бурда тавонанд.

Тавре ки мо ҳам чунин матнҳоро аз китоби забони модарӣ истифода бурда истодаем.

Хелҳои ҷумлаҳоро аз рӯи аломатҳояшон нуқта (.), савол (?), хитоб (!) муайян кардан мумкин аст.

**Супориш:**

**1.** Бо се хели ҷумлаҳо 3-тоӣ ҷумла нависед.

**Намуна:** Мо имло навиштем.

**2.** Мавзӯи «Ҷумла»-ро хонда дар хотир нигоҳ доред.

**3.** Яке аз матни дарсҳои гузаштаро интихобан такроран хонед ва нависед.

## ДАРСҲОИ 217–218

## ИД ДАР ТЕППАИ «НАВРӮЗ»

Хабари дар болои деҳкадаамон аввалин маротиба ҷашн гирифтани Наврӯз аз ҳама зиёдтар мо, мактаббачаҳоро шод мекард. Охир чӣ тавр шод нашавем?! Худи ман ҷашнгирии Наврӯзро то ҳол надидаам. Гоҳо таърифашро аз забони падарам мешунавам.

– Мо, мисли шумо хурд будем, – гоҳо нақл мекунад ӯ. – Омад-омади идро интизор мешудем. Он рӯз ба майдони кушоди деҳа, ба ҷои аз ҳама зеботарин ва хушбоду ҳаво мебаромадем. Рӯзи ид мардум либосҳои нав ба бар мекарданд. Ҳамдигарро табрик гуфта, саломатӣ, барори кор, сулҳу амонӣ ва файзу баракат мехостанд.

Аввалин шаби Наврӯз модарон серташвиш мешуданд. Онҳо барои иди Наврӯз таомҳои гуногун мепухтанд. Ҳамаи ин хӯрданиҳоро, ки



наврӯзӣ меномиданд, ба идгоҳ меоварданд. Аз дастурхони умумӣ ҳама тановул мекарданд. Ба назари мо, хӯрданиҳои наврӯзӣ аз ҳама чизҳо ширинтару лазизтар буд. Хӯрокиҳо аз гандуму биринҷ, нахӯду наск, мошу лӯбиё барин чизҳо тайёр

карда мешуд. Яъне мардум орзу мекард, ки Соли Нав серҳосил, пурфайзу баракат ояд ва ризқу рӯзии ҳама фаровон гардад.

### Савол ва супориш:

**1.** Падар ба писар аз хусуси чӣ нақл мекард?
**2.** Навӯзро дар кучо пешвоз мегиранд?
**3.** Модарон барои чӣ дар ҷашн серташвиш мешудаанд?
**4.** Онҳо кадом хӯрданиҳоро тайёр мекарданд?
**5.** Хӯрданиҳо аз чиҳо тайёр карда мешуд?
**6.** Мардум дар Соли нав чӣ орзу мекард?

**Машқи 1.** Матнро хонда сархати аввали онро нависед ва ба хелҳои ҷумлаҳо диққат диҳед. Хелҳои ҷумларо аз рӯи аломатҳои нуқта ва саволу хитоб муайян кунед.
**Машқи 2.** Сархати аввали матни навиштаатонро аз назар гузаронед ва шуморед, ки дар он чанд ҷумла истифода шудааст.
**Супориш:** Худатон мустақилона се ҷумла тартиб диҳед.
**Машқи 3.** Сархати охири матнро такроран хонед ва шуморед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст.
**Машқи 4.** Аз матн чор ҷумларо интихобан нависед ва хели ҷумлаҳоро муайян кунед.
**Супориш:** Дар бораи ҷашнгирии иди «Наврӯз» дар маҳаллаи худатон ҳикояча нависед.

## ДАРСҲОИ 219–220

## ГӮШТИНГИРИИ ИДОНА

Мо, бачаҳо, ҳам он рӯз хеле шодӣ мекардем. Танҳо қанот надоштем, ки ба осмон парем. Ҷашни Наврӯз бе гӯштингирӣ намегузашт ва ин маърака аз мо бачаҳо сар мешуд ва баъд паҳлавонҳои деҳа ба майдон мебаромаданд. Ба ман хусусан гӯштингирии Гулмуродпаҳлавон хеле маъқул буд. Орзу мекардам, ки калон шавам, мисли ӯ паҳлавон мешавам...

Ману духтарҳои синфамон ин хабари хушро шунида бо маслиҳат ба ин ид тайёрӣ дидем. Кулчақанду санбӯсаҳои алафӣ пухтем ва ба

идгоҳ овардем. Идгоҳро, ки дар ҳақиқат ҷои зебо будааст, худамон теппаи Наврӯз ном гузоштем. Дастаи ҳаваскорони мактабамон барномаи базмӣ тайёр карданд, ки аз рақсу сурудҳои баҳорӣ иборат аст. Вақте ки ба ин теппаи сабзу хуррам баромадед, шукӯҳу шаъни пойтахти азизамон шаҳри Душанбе бараъло ба назар мерасад.

Дар иди Наврӯз ҳамроҳи дугонаҳо ва ҳамсинфони худ шодиву бозӣ кардем ва якдигарро табрик намудем: «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!»

**Савол ва супориш:**

**1.** Теппаи Наврӯз чӣ хел ҷой будааст?
**2.** Чаро шаби Наврӯз ҳама серкоранд?
**3.** Наврӯзро дар чӣ хел ҷой қайд мекарданд?
**4.** Гӯед, ки Наврӯзро дар ҷои шумо чӣ хел ҷашн мегиранд?

**Машқи 1.** Матнро такроран қироат кунед ва аз дохили он се ҷумлаашро интихобан нависед.
**Машқи 2.** Ҷумлаҳои зеринро нависед ва аломатҳои китобатии даркориро гузоред:
Аз шунидани ҷашнгирии иди Наврӯз шод шудем Мо ҳамсинфон бо ҳамдигар маслиҳат кардем нақшаи ба кӯчо рафтанамонро кашидем Ин идро дигарон чӣ хел пешвоз мегиранд.
**Машқи 3.** Матнро хонда ба чӣ хулоса омадед, гуфта диҳед.
**Супориш:** Оиди ҷашнгирии иди Наврӯз шумо боз чиҳо медонед, илова кунед.

## ДАРСҲОИ 221–222

## ИДИ НАВРӮЗ

Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ,
Лона мемонаду қумрӣ ба наво меояд.
Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,
Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меояд.

Амаки ҷуфтгарам ҷуфт кунад ҳотаи хеш,
Бачагон гашта савори чапари молаи ӯ.
Абри боранда бирез оби бақо бар сари кишт,
То ки афзун бишавад ҳосили имсолаи ӯ.

Рӯди кӯҳӣ биҷаҳад, мавҷзанон шиҳакашон,
Гӯӣ чун аспи самандест ба тоб омадааст.
Санг ғелон шуда аз кӯҳ дами сели дамон,
Чу саворест, ки пояш ба рикоб омадааст.

Бӯи сабза, бӯи гул, бӯи замини падарӣ,
Сӯи худ мекашад ин лаҳза маро аз раҳи дур.
Ҷӯям аз кӯчаи деҳ ҳамсабақонро ба умед,
Ҳамчу набзе, ки биҷӯяд ба тане одами кӯр...

Боз дар гӯшаи порисаи боми падарӣ,
Лола мемонаду қумрӣ ба наво меояд.
Лона монанд зи нав достакони сафарӣ,
Иди Наврӯз ҳама хонаи мо меояд.

**Ҳабибулло Файзулло**

**Луғат:**

***Пориса*** – лаби бом.
***Чапар*** – асбоби молакунии замин.
***Достак*** – фароштурук.
***Ҳота*** – замини назди ҳавлигӣ.
***Рикоб*** – узангу.

## Савол ва супориш:

**1.** Наврӯз дар кадом фасл ҷашн гирифта мешавад?
**2.** Нишонаҳои омадани иди Наврӯз кадомҳоянд?
**3.** Рӯдҳои кӯҳӣ ва оби ҷӯйборҳо аз чӣ серобу серғавғо мегарданд?
**4.** Дар дашту саҳро сабзаю гулҳо чӣ гуна мерӯянд ва мешукуфанд?

**Супориш:**

**1.** Матнро такроран хонед ва ба мазмуни калимаю ибораҳои пориса, боми падарӣ, достакони сафарӣ, ҳота, чапари молаи ӯ, абри боранда, оби бақо, мавҷзанон, шиҳакашон, сели замон, по ба рикоб, замини падарӣ, кӯчаи деҳ диққат диҳед.

**2.** Порчаҳои мақбулатонро аз шеър навишта аз ёд кунед.
**3.** Мисраъҳои шеъри мазкурро аз назм ба наср гардонед.
**4.** Маънии «Абри боранда бирез оби бақо бар сари кишт»-ро маънидод кунед.

## ДАРСҲОИ 223–224

## РУСТАМИ ДОСТОН

Аз Рустами Достон – қаҳрамони номдори ориёниҳо, ки Абулқосим Фирдавсӣ ҳам дар «Шоҳнома»-аш дар бораи ӯ доди сухан додааст, ҳикоят мекунанд: Ҳангоме, ки Рустам аз Сиистон озими Самангон мегардид, дар миёнаи роҳ ба паҳлавоне бархӯрд, ки на танҳо аз дидани вай Рустам ба ваҳшат афтод, балки аз муаррифии хеш ба вай ибо кард, чунон вонамуд сохт, ки гӯё вай Рустам нест.

Рустам одат дошт ба ҳар манзил ва ҷойгоҳе, ки мерасид ва ба чашмаш шодобу сарсабз менамуд, он ҷоро чарогоҳи хубе барои Рахшаш шумурда, аз Рахшаш фуруд меомад ва лаҷом аз сари он гирифта раҳо месохт, то дақоиқе Рахшаш дар он марғзорҳо бичарад ва худаш аз ин, ки хаста ва монда мешавад, зинро зери сар карда ба хоб мерафт, то лаҳзае биосояд.

Мегӯянд Рустам дар яке аз водиҳои шодобу зебои Ҳиндукуш аз Рахш фуруд омад ва онро ба чаридан гузошт ва худаш зини Рахшро зери сар карда рӯи саҳрои бузурге ба хоб рафт. Баъд аз чанд соат, ки аз хоб бедор шуд ва ба гирду атрофи хеш назар кард, аз Рахш асаре надид. Биноан дар ташвиш шуда пайи ёфтани Рахш рафт ва ҳарчанд ҷустуҷӯй кард, нишоне аз он наёфт. Дар ин мавқеъ ба марди тануманд ва азимҷуссае бархӯрд ва аз вай ҷӯёи Рахш гардид...

**Луғат:**

***Самангон*** – номи шаҳр дар Афғонистони ҳамсоя.
***Озими*** – ҷониби, тарафи.
***Муаррифӣ*** – шиносшавӣ.
***Хеш*** – худ.
***Рахш*** – номи аспи Рустам.
***Фуруд*** – поён фуромадан.
***Дақоиқе*** – дақиқаҳое.

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро хонед, нақл кунед.
**2.** Дар бораи Рустам боз чиҳо шунидаед, илова намоед.
**3.** Сабаби дар таърих мондани номи Рустам дар чист?
**4.** Оё шумо ҳам мисли Рустам паҳлавон шудан мехоҳед, ҳикоя кунед.

**Машқи 1.** Аз матн чор ҷумлаашро интихоб карда нависед. Гӯед, ки дар охири ин ҷумлаҳо кадом аломати китобатӣ гузошта шудааст?
**Машқи 2.** Бо се хели ҷумлаҳо яктогӣ ҷумла иншо кунед.
**1.** Ҷумлаи саволӣ:
**2.** Ҷумлаи хитобӣ:
**3.** Ҷумлаи ҳикоягӣ:

**Намуна:** Бачаҳо, шумо, албатта, ба варзиш машғул шавед! (ҷумлаи хитобӣ).

**Машқи 3.** Матнро хонед, ба навишти ҷумлаҳои ҳикоягӣ (хабарӣ) диққат диҳед.

**Таъкид:** Ҷумла барои баён кардани фикр истифода мешавад. Ҷумла аз калимаҳои алоҳида-алоҳида тартиб дода мешавад.
Ҷумларо метавонем хаттӣ нависем ва ё даҳонӣ баён кунем.
Аз ҳарфҳо калима, аз калимаҳо ҷумлаҳо ва аз ҷумлаҳо матн тартиб дода мешавад. Матн фикри моро ҷамъбаст мекунад.

## ДАРСҲОИ 225–226

## ПАҲЛАВОНИ НОШИНОС

Паҳлавони бадҳайбат аз Рустам пурсид:
– Кистӣ, ки нишони Рахши Рустамро аз ман меҷӯӣ?

Аз ин, ки Рустам аз вай дар ҳарос шуда буд ва худро чун мавҷуди кӯчаке дар баробари ӯ медид, аз муаррифии хеш ба вай худдорӣ кард.

Тавре вонамуд сохт, ки гӯе яке аз ходимони Рустам аст ва Рустам ӯро ба ҷустуҷӯи Рахш фиристодааст. Паҳлавон ба шунидани ин сухан аз забони Рустам бемуҳобот Рустамро ба як даст аз замин баланд карда бар

сари шонаи хеш қарор дод ва бо дасти дигараш ба тарафе, ки Рахши Рустам он ҷо буд, ишора намуда гуфт:

– Рахши Рустам он ҷост!

Баъд аз он, ки Рустамро дубора бар замин гузошт, Рустам ба мушоҳидаи ин қудрати фавқуллода, ки худро дар муқобилаш заиф ёфта буд, аз ӯ пурсид, ки оё паҳлавони болодасттаре аз хеш дар ҷаҳон суроғ дорад, ё хайр. Ӯ дар ҷавоб бар хилофи таваққӯи Рустам изҳор дошт:

– Бале, паҳлавоне, ки ман болотар аз хеш мешиносам, Рустам асту бас.

Мегӯянд Рустам бо шунидани ин сухан аз забони ӯ назди худ гуфт: «Номи Рустам беҳ аз Рустам».

Дар ин ҷо қавли шоир Фирдавсӣ сидқ мекунад, ки мегӯяд:

Манаш сохтам Рустами достон,
Вагарна яле буд дар Сиистон.

**Луғат:**

***Муаррифӣ*** – шиносонидан.
***Хилоф*** – зид, муқобил.
***Сиистон*** – номи шаҳр дар Афғонистон.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва хели ҷумлаҳои онро (хабарӣ, саволӣ, хитобӣ) муайян кунед.

**Машқи 2.** Аз матн ду ҷумлаи ҳикоягӣ (хабарӣ) ва ҷумлаҳои саволию хитобиашро ба дафтар кӯчонед.

**Машқи 3.** Оид ба Рустам ва паҳлавонии он мубоҳиса ташкил кунед.

**Шарҳ диҳед:**

**1.** «Номи Рустам беҳ аз Рустам».
**2.** «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам».
**3.** Байти Фирдавсиро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 227–228

## ЧАРОГОҲИ РАХШ

Мардуми ноҳияи баландкӯҳи Лахш ривоят мекунанд, ки мавзеи онҳо дар асл Рахш ном дошт. Номи ҳамон аспи номдори Рустами Достон. Мавзеъ чарогоҳи хуб буд. Рустам ҳам барои аз гиёҳҳои тару

тозаи ширин сер кардани Рахш гоҳ-гоҳ ба ин ҷойҳо меомадааст. Рахш ҳам пастию баландиҳои ин ҷойҳоро нағз медонист. Аз ин сабаб Рустам ҳамин, ки ба чарогоҳ расид, Рахшро аз зину лаҷом озод мекард. Рахш чарогоҳро озодона мегашт. Рустам дар ҷои хушҳавои чарогоҳ ба хоби баҳодурӣ мерафт. Рахш аз гиёҳҳои тару тоза сер шуда, ба бедоршавии соҳибаш интизор мешуд. Рустам, ки аз хоб хест, боз Рахшро зину лаҷом мекарду ба корзор мерафт.

## ҚАЛЪАИ ЗОЛИ ЗАР

Данғара як замон мамлакати ободе буд. Шаҳристон, қалъааш калону обод. Як қалъаи калонашро Қалъаи Золи Зар мегуфтанд. Имрӯз ҳам дар ноҳияи Данғара деворҳои Қалъаи Золи Зар ба чашм мерасад. Подшоҳи ин қалъа Золи Зар – падари Рустами Достон буд.

**Луғат:**
***Баҳодурӣ*** – паҳлавонӣ. ***Корзор*** – майдони ҷанг.

### Савол ва супориш:

**1.** Номи лақаби аспи Рустам чӣ будааст?
**2.** Қалъаи Золи Зар (падари Рустам) дар куҷо ҷойгир будааст?
**3.** Шоҳи қалъа чӣ ном доштааст?

**Машқи 1.** Матнҳоро хонед, мазмунашонро нақл кунед.
**Машқи 2.** Матни «Қалъаи Золи Зар»-ро нависед ва хели ҷумлаҳои онро муайян кунед.
**Машқи 3.** Ҷумлаҳои тарафи чапро бо ҷумлаҳои тарафи рост муқоиса кунед. Гӯед, ки мазмуни ҷумлаҳои кадом тараф батафсил нақл шудаанд:

| | |
|---|---|
| **1.** Офтоб баромад. | **1.** Офтоб баромада ҳама ҷоро равшан кард. |
| **2.** Рӯз бегоҳ шуд. | **2.** Рӯз бегоҳ шуду одамони деҳа молҳояшонро ба оғилҳо даровароанд. |
| **3.** Шабҳои зимистон дарозанд. | **3.** Шабҳои зимистон хеле дарозанд ва мо афсонагӯӣ мекунем. |
| **4.** Соат занг зад. | **4.** Соат занг заду моро аз хоб бедор кард. |

**Машқи 4.** Ҷумлаҳои тарафи чапи машқи 3-юмро нависед.

## ДАРСҲОИ 229–230

# РУСТАМ БА ҶАҲОН ЯК БОР МЕОЯД

Рӯзе Алӣ (а) аз ғазо омада истода, худ ба худ гуфт: «Ман шери худо ҳастам, дар ҷаҳон аз ман зӯр нагузаштааст». Бо ҳамин фикр ба хона омад.

Ҳазрати Муҳаммад (с) гуфт:

– Ё Алӣ (а), ту имрӯз рустамона кор кардӣ!

Ҳазрати Алӣ (а) аз ин гап камтар ранҷид. Муҳаммад (с) фаҳмид, ки ин гап ба дили Алӣ (а) сахт расид, гуфт:

– Ту рафта ба даруни фалон кӯҳ исто, Рустам ба зиёрати ту меояд, қувваташро ба ту мебахшад.

Алӣ (а) аспи Дулдулро савор шуда, ба дараи кӯҳ рафта нишаст. Ногоҳ се кӯҳ болои ҳам омад. Алӣ (а) инро дида тарсиду Дулдулро савор шуда, гурехта ба хонааш омад. Муҳаммад (с) дид, ки ранги Алӣ (а) паридагӣ, пурсид:

– Ба ту чӣ шуд?

Алӣ (а) воқеаро нақл кард.

Муҳаммад (с) гуфт:

– Ман нагуфта будам, ки ту тоқати Рустам надорӣ.

Ҳамон се кӯҳ: кӯҳи поён Рахши Рустам, кӯҳи миёна гурзи Рустам, кӯҳи боло худи Рустам буд. Рустам ба саломи ту омада, қувваташро ба ту бахшиданӣ буд.

Алӣ (а) гуфт:

– Ин тавр бошад, боз гашта равам?

Муҳаммад (с) гуфт:

– Рустам ба ҷаҳон як бор меояд...

**Луғат:**

***Ғазо*** – муҳориба, ҷанг.

***Дулдул*** – номи аспи ҳазрати Алӣ (а).

### Савол ва супориш:

**1.** Ҳазрати Алӣ (а) аз куҷо баргашт?

**2.** Муҳаммад пайғамбар (с) ба Алӣ (а) чӣ гуфт?

**3.** Чаро Алӣ (а) аз сухани Муҳаммад (с) ранҷид?

## ЧИСТОН

Аз кӯҳ баромад мири ганда,
Сар то қадамаш ҷомаи ҷанда? (ш . р)

**Луғат:**
***Васила*** – восита.
***Заъф*** – беҳол, бемадор.
***Мариз*** – касал, бемор.
***Ғизо*** – хӯрок.
***Ғояти заъф*** – ҳолати беҳолӣ, бемадорӣ, беқувватӣ.
***Рӯи ин манзур*** – аз ин хотир, ба ин мақсад, ният.
***Мутаваҷҷеҳ*** – хабардор.

**Савол ва супориш:**

**1.** Ба шери пурзӯр чӣ воқеа рух дода буд?
**2.** Шер барои аз гуруснагӣ намурдан чӣ ҳила ба кор бурд?
**3.** Ҳайвонҳое, ки ба назди шер медаромаданд, чӣ мешуданд?
**4.** Рӯбоҳи доно ҳилаи шерро чӣ тавр пай бурд?
**5.** Шер ба рӯбоҳ чӣ савол дод ва чӣ ҷавоб шунид?

**Машқи 1.** Матнро хонда, хелҳои ҷумлаҳои онро номбар кунед.
**Машқи 2.** Ҷумлаи саволиро аз матн ёфта такроран хонед ва онро бо ҷавобаш нависед.

**Супориш:**
**1.** Луғатҳоро аз ёд кунед.
2. Бо се хели ҷумлаҳо яктоӣ ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 233–234

## ПАНДҲОИ РАСУЛИ АКРАМ (с)

Беҳтарин рафиқ он аст, ки ба кори хайр раҳбарӣ кунад.

* * *

Се чиз рафоқату дӯстиро холису беолоиш кунад: айби рафиқро ба вай гуфтан, пушти сар обрӯяшро ҳифз кардан, кӯмак ба ҳангоми сахтӣ.

* * *

Бар аҳли хонаат салом кун, то баракати хона зиёд гардад.

* * *

Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.

* * *

Илм болотар аз ибодат аст.

* * *

Дар ҳифзи илм бикӯш, на дар ҷамъи китоб.

* * *

Бо бадон некӣ кун, то онҳоро аз бадӣ кардан боздорӣ.

* * *

Гуфтори нарм занҷири дилҳост.

**Супориш:**

**1.** Дар вақти хондани пандҳо ба исм, сифат ва феълҳо диққат диҳед, ки онҳо чӣ тавр истифода шудаанд.

**2.** Аз рӯи пандҳои **«Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй»** ва **«Дар ҳифзи илм бикӯш, на дар ҷамъи китоб»** нақли муфассал нависед.

**Луғат:**

***Эҳсон*** – хубӣ, некӣ.

***Ибодат*** – тоату ибодат ба Худованд.

**Машқи 1.** Матнро хонда мазмунашро шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Аз матн пандҳоро интихобан нависед ва ҷумлаҳоро аз назар гузаронед, ки чандтогӣ калима доранд.

**Машқи 3.** Ҷумлаҳои зеринро ҳангоми навиштан пурра кунед:

**1.** Ҳар рӯз баъд аз дарс ба хона рафта ...

**2.** Хӯроки пешин хӯрда каме ...

**3.** Модарам аз ман мепурсад, ки писарам, баҳои чанд ...

**4.** Ман дарсҳоямро дар вақташ ...

Калимаҳо барои истифода: либосҳои мактабиро иваз мекунам, истироҳат менамоям, гирифтӣ?, тайёр мекунам.

**Супориш:** Пандҳоро интихобан аз бар кунед.

**Ёддошт:**

**1.** Феъл се замон дорад.
**2.** Замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.
**3.** Ҷои феъл дар куҷои ҷумла бошад?
**4.** Феълҳо асосан ҷояшон муайян аст ва дар охири ҷумла меоянд.

## ДАРСҲОИ 235–236

### ТАМАЪ

Сайёде рӯзе дар саҳро мегашт. Рӯбоҳе дид бағоят чусту чолок, ки дар фазои он дашт мегашт. Ба сайёд мӯи он хуш омада бо баҳои баланд фурӯхтани онро тасаввур кард. Назди хонаи рӯбоҳ чоҳе канда, болояшро бо хасу хошок пӯшида, хӯроке бар болои он гузошт. Рӯбоҳ хӯрокро хӯрданӣ шуда ба лаби чоҳ омаду ба худ гуфт:

– «Агарчи аз бӯи хӯрок димоғи орзу муаттар аст, аммо бӯи бало низ ба машоми эҳтиёт мерасад ва оқилон ба коре, ки эҳтимоли хатар дошта бошад, ҳаргиз даст назадаанд».

Рӯбоҳ ин фикр карда аз сари он даргузашт ва роҳи саломат пеш гирифт. Дар ин асно Паланги гуруснае аз болои кӯҳ фаромад ва ба бӯи хӯрок худро ба чоҳ афканд. Сайёд чун овози дом шунид, тасаввур кард, ки рӯбоҳ дар дом афтод.

Аз ғояти ҳирс худро ба ғор андохт. Паланг, ба хаёли он ки ӯро аз хӯрданӣ манъ мекунанд, баргашт ва шиками сайёд бидарид. Сайёди ҳарис ба шумии ҳирс дар доми фано афтод ва рӯбоҳи қонеъ ба қатъӣ аз вартаи бало наҷот ёфт.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Луғат:**

***Ҳирс*** – чашмгурусна.
***Муаттар*** – хушбӯ.
***Қонеъ*** – қаноатманд.
***Вартаи бало*** – доми бало, ҷойи бало.
***Машом*** – димоғ.

**Супориш:** Мақолро шарҳ диҳед: **Чоҳкан – зери чоҳ.**

**1.** Матнро хонда, мазмунашро нақл кунед.
**2.** Фаҳмонед, ки чӣ сабаб боиси марги сайёд гашт.
**3.** Чашмгуруснагӣ, албатта, одамро ба балоҳо гирифтор мекунад.

**Машқи 1.** Сархати аввали матнро хонед ва кадом хели ҷумлаҳо будани онҳоро гуфта диҳед.
**Машқи 2.** Бо се хели ҷумла (хитобӣ, саволӣ, хабарӣ) яктоӣ ҷумлаи содда тартиб диҳед ва нависед.
**Машқи 3.** Сархати дуюми матн ва як ҷумла аз сархати сеюм интихоб карда нависед.
**Супориш:**
**1.** Баъд аз навиштани ҷумлаҳо онҳоро ба ҷумлаи содда баргардонда, сипас онҳоро даҳанакӣ баён кунед.

**Намуна:** Аз бӯи хӯрок димоғи орзу муаттар аст...

**2.** Маънии ибораҳои **«аз бӯи хӯрок димоғи орзу муаттар, ғояти ҳирс, шумии ҳирс, доми фано ва вартаи бало»**-ро бо ёрии муаллим шарҳ диҳед.

## ДАРСҲОИ 237–238

## ТАБИБИ ХАЛҚӢ ВА ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Рӯзе шамол ва гирдбоди сахт ба амал омад. Луқмони Ҳаким дар чаман сайр мекард. Ӯ дар байни гирдбод монда ба чашмонаш чангу ғубори зиёд афтид. Пас аз ба хона баргаштан чашмонашро чанд маротиба ба маҳлулҳои гуногун шустушӯй намуд. Аммо осеб ва омос (варам) паст нашуданд. Ногаҳон вай ба табиби ношиносе дучор шуд. Табиби халқӣ чашмони Луқмонро дида фармуд, ки шираи тозаи косниро (гиёҳи талх) ба чашмони дардмандаш чаконад.

Луқмони Ҳаким чунин кард ва шифо ёфт. Пас аз муолиҷаи судманд вай ба назди табиб рафта изҳори миннатдорӣ баён намуд. Табиби халқӣ хеле хурсанд шуда ба бемори муолиҷакарданаш гуфт:

– Эй бародар, ту аз ман не, аз Луқмон миннатдор шав!

Луқмон:

– Чаро аз Луқмони Ҳаким миннатдор шавам?

Табиб:

– Зеро ки ба ман худи Луқмони Ҳаким дасти пир дода буд. Шуморо ман не, мадади дасти Луқмони Ҳаким тандуруст намуд.

Луқмони Ҳаким:

– Акнун шумо ҳақиқатан соҳиби дасти пири Луқмони Ҳаким шудед. Табиб фаҳмид, ки ӯро тақдир ба худи Луқмони Ҳаким дучор намудааст. Аз ин хеле хиҷил шуд ва боз ба Луқмони Ҳаким таъкид кард:

– Чашматонро эҳтиёт намоед! Охир ман аллакай ҳақиқатан соҳиби дасти пири Луқмони Ҳакими бузургвор гардидаам.

### Савол ва супориш:

**1.** Ба Луқмони Ҳаким чӣ воқеа рух дод?
**2.** Чашмони Луқмони Ҳаким чӣ шудаанд?
**3.** Луқмон чӣ чора дид?
**4.** Табиби халқӣ ба Луқмони Ҳаким чӣ чора фармуд?
**5.** Луқмони Ҳаким пас аз шифо ёфтани чашмонаш ба табиби халқӣ чӣ баён мекунад?
**6.** Табиб ба Луқмони Ҳаким чӣ мегӯяд?
**7.** Луқмони Ҳаким ба табиби халқӣ чӣ гуфт?
**8.** Ҷумлаи **«Акнун шумо ҳақиқатан, соҳиби дасти пири Луқмони Ҳаким шудед»**-ро маънидод кунед.

**Машқи 1.** Ба се саволи зери матн ҷавобҳои шифоҳӣ гардонед.
**Машқи 2.** Ба чор саволи боқимондаи зери матн хаттӣ ҷавоб нависед. (Барои ба саволҳо ҷавоб навиштан матнро истифода баред).
**Машқи 3.** Аз дохили матн ҷумлаҳои саволӣ, хитобӣ ва як ҷумлаи хабариро ба дафтар кӯчонед.
**Супориш:** Мазмуни матнро дар хотир гиред ва дар ҳаёт истифода баред.

## ДАРСҲОИ 239–240

## МАҒЗИ НОН

Нон беҳтарин мӯъҷиза аст. Ин мӯъҷизаи биҳиштӣ ба мо қуввату дармон мебахшад ва аз фаношавӣ моро раҳо медиҳад. Бинобар ин

бояд нонро азизу мӯътабар донем ва муқаддас ҳисобем. Бесабаб ҳам нагуфтаанд, ки нон бошад хурсандӣ ҳам мешавад.

Албатта, бачаҳо, ҳурмати нон аз ҳама сарвати дунё болост.

Як замоне марди деҳқон будааст,
Хонааш аз нон фаровон будааст.
Кӯлчаеро хӯрда-хӯрда як саҳар,
Аспакӣ кардаст бар ҷое сафар.
Ҳар қадар оҳиста аспаш рондаст,
Мағзи нонро ногаҳон афтондаст.
Ҳамчу сӯзанков онро кофтаст,
Зери ҳар барги хазонро кофтаст.
Тарқиши ҳар санги роҳро кофтаст,
Ҳар кафи хоки сияҳро кофтаст...
Кофтаст ӯ нақши ҳар як пойро,
Зери кӯли оби софу лойро.
Реги сӯзонро бо нохун кофтаст,
Дидаву дил карда ӯ хун кофтаст.
Рӯз дар гармии тафсон кофтаст,
Шаб ба нури моҳи тобон кофтаст.
Ҳар қадар, ки пир саргардон шудаст,
Нопадид аз дида мағзи нон шудаст.
Пас мазоре мағзи нонро кардааст,
Қалъабандӣ гирди онро кардааст.
Аз ҳамон ҷо аз сафар баргаштааст,
Поси қадри нон ба сар баргаштааст...
Бо ҳамон тадбир аҷдодони мо,
Қадр карда аз қадим нонпораро,
Менамуданд аз бузургӣ тоҷи сар,
Мешумориданд азизу мӯътабар.
Гар ту ҳам битвонӣ онро пос дор,
Ҳамчунон бигзаштагон қимат шумор.

**Иззатулло Ҳусайнӣ**

### Савол ва супориш:

**1.** Мисраъҳои маъқули шеърро аз ёд кунед.
**2.** Хонаи кӣ аз нон фаровон будааст?
**3.** Кӣ нонро афтонидааст ва чӣ тавр?
**4.** Барои ёфтани мағзи нон марди деҳқон чӣ кор кардааст?
**5.** Барои чӣ мағзи нонро ӯ мазор кардааст?
**6.** Аҷдодони мо нонпораро чӣ гуна қадр мекарданд?
**7.** Шоир ба мо чӣ насиҳат кардааст?
**8.** Ҳикмати **«Нон ҳам нону нонреза ҳам нон»**-ро дар хотир нигоҳ доред.

**Машқи 1.** Шеърро хонед, мазмунашро нақл кунед.
**Машқи 2.** Шаш мисраи охири шеърро нависед ва ин насиҳатро дар хотир нигаҳ доред.
**Машқи 3.** Шумо ҳам дар бораи нон ва ҳурмати он фикратонро бо 5-6 ҷумла баён созед ва нависед.

## ДАРСҲОИ 241–242

## ДАР ШАФҚАТ ВА МЕҲРУБОНӢ
**(Ҳикоят)**

Овардаанд, ки Сабуктегин падари Султон Маҳмуд дар аввали ҳол, ки мулозими Санҷар буд, як сар асп беш надошт ва авқоти ӯ бағоят ба ишрат мегузашт. Ҳар рӯз ба азми шикор ба саҳро рафтӣ. Агар сайде ба даст омадӣ, бад-он гузаронидӣ. Рӯзе оҳуе дид, бо бачаи худ дар саҳро мечарид, Сабуктегин асп барангехт. Оҳу бигрехт, чун бачаи ӯ хурд буд, бо модар натавонист гурехтан. Ӯро бигирифт ва дасту пояш бибаст ва дар пеши зин ниҳода роҳи шаҳрро баргирифт. Оҳу, ки бачаи худро гирифтор дид, бозгашт ва дар пай медавид ва фарёд мекарду менолид. Сабуктегинро бар вай раҳм омад ва дасту пои оҳубачаро бикушод ва сар ба саҳро дод. Модар омаду бачаро дар пеш гирифт ва рӯй ба осмон карда, ба забони безабонӣ муноҷоте кард: «Оне, ки забони безабонӣ донӣ...». Сабуктегин дасти холӣ ба шаҳр бозомад ва шабона хоб дид, ки бо вай мегӯянд: «Эй Сабуктегин, ба

воситаи он шафқату марҳамате, ки дар ту ба вуҷуд омад ва ҷиҳати он караму меҳрубонӣ, ки дар ҳақи он бечора ва забонбаста кардӣ, ба ҳазрати ҳақ тақарруби тамом ёфтӣ ва мо аз ту хушнуд шудем. Ту подшоҳӣ меёбӣ, ва дар бораи раияти худ тариқи марҳамат фурӯ нагузорӣ». Бузурге фармуда, ки ба воситаи шафқат ба ҳайвоне подшоҳии ин ҷаҳон биёбанд, агар ба ҷиҳати марҳамат бар инсонӣ салтанати мулкӣ, боқӣ пойбанди ҳеҷ аҷибу ғариб набошад.

**Аз «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»**

**Луғат:**

***Мулозим*** – хизматгор.
***Авқот*** – вақт.
***Азми шикор*** – нияти шикор, мақсади шикор.
***Тақарруб*** – қарибӣ, наздикӣ.
***Раият*** – халқ.
***Ҳазрати ҳақ*** – Худованд.

## Савол ва супориш:

**1.** Сабуктегин хизматгори кӣ будааст?
**2.** Сабуктегин ҳар рӯз ба чӣ мерафтааст?
**3.** Ҳангоми шикор кадом воқеа рӯй дод?
**4.** Сабуктегин чиро ба даст овард ва ба чӣ раҳмаш омад?
**5.** Шикорчӣ барои чӣ оҳубачаро раҳо кард?
**6.** Модари оҳубача сар ба осмон карда ба даргоҳи ҳақ чӣ зорию тавалло кард?
**7.** Сабаби ба подшоҳӣ расидани Сабуктегин дар чӣ будааст?

**Натиҷагирӣ:**

Аз ҳикоят бармеояд, ки барои раҳм кардан ба ҳайвони безабон Худованд ба Сабуктегини шикорчӣ подшоҳиро насиб гардонд ва ин подшоҳиро ӯ дар хобаш қаблан дида буд. Ҳамин тавр, мо ҳам бояд ба одамон, парандагон ва ҳайвонот раҳмдил бошем. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизро озор надиҳем. Яъне латукӯб накунем, дашному ҳақорат надиҳем. Нисбати ҳайвонҳо ҳалиму меҳрубон бошем.

**Таъкид:**

Ҳайвонҳо, парандагон ва ҳашароти хурдакак (нафъоварашон) ҳам ҷон доранду ҷонашон барояшон ширину азиз аст.

**Машқи 1.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
**Машқи 2.** Нисбати ҳайвонот ва одамон чӣ гуна муносибат доштанатонро баён созед.
**Машқи 3.** Ҷумлаю калимаҳои дар матн нафаҳмидаатонро номбар созед ва бо ёрии ҳамдигар шарҳ диҳед.
**Машқи 4.** Ҷумлаҳои натиҷагириро нависед ва дар хотир нигоҳ доред.

## ДАРСҲОИ 243–244

### ОДОБИ ЗАБОН

Агар пурсанд, ки одоби забон кадом аст, бигӯй:

– Он ки барои ҳарфи нек бикшоӣ ва истифода барӣ.

Агар пурсанд, ки забон ба чӣ мебояд кушод, бигӯй:

– Барои изҳори он чӣ аз рӯи ҳоҷати зарур ва дар дилҳо ниҳон аст, барои сухан кардан дар ёрӣ ба мазлумон ва фарёдрасӣ ба маҳрумон.

Агар пурсанд, ки забон ба чӣ мебояд баст, бигӯй:

– Аввал аз гуфтани дурӯғ, ки дурӯғгӯӣ душман аст.

– Дуввум, аз ваъдаи хилоф, ки сифати дурӯягон аст.

– Сеюм, аз ғайбат ва бӯҳтон, ки амали фосиқон аст.

– Чаҳорум, аз мунокиша, хусумат, суханчинӣ ва айбгӯӣ, ки онҳо васвасаи шайтон аст.

– Панҷум, аз сано ва ситоиши худ (аз худтаърифкунӣ), ки нишони худписандӣ ва аз ҳадди худ гузаштан аст.

– Шашум, аз лаънат кардани хидматгорон, ки феъли золимон аст.

– Ҳафтум, аз мазоҳу масхара ва ҳазле, ки боиси ранҷиш бошад.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Луғат:**
***Ҳарфи нек*** – сухани нек.
***Изҳор*** – гуфтан.
***Сано*** – таъриф, мадҳ, ситоиш.
***Ниҳон*** – пинҳон.

**Машқи 1.** Матнро хонед, мазмуни ҳар як ҷумларо дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.
**Машқи 2.** Аз дохили ҷумлаҳо калимаҳои нофаҳморо ёбед ва маънои онҳоро дастҷамъона муайян карда баъд нависед.
**Машқи 3.** Дар мавзӯи «Хушгуфторӣ» ҳикояча нависед ва ба мазмуни ҳар як ҷумла диққат диҳед. Мушоҳида кунед, ки кадом хели ҷумлаҳо (хабарӣ, саволӣ, хитобӣ)-ро дар ҳикоятон истифода бурдед.
**Супориш:** Одоби забонро аз бар созед

## ДАРСҲОИ 245–246

### ҲИКОЯТ

I

...Барои ҷамъ овардани ҳезум ба бодия берун баромада будам. Ва чун рӯз бегоҳ шуд, хостам, ки ҳамаи ҳезумҳоро ба як ҷо гирд оварда мустаҳкам бандам. Аз муқобилам шере баромад, ҳам чанд говмеше азим ба сӯи ман медавад.

Ман аз ғояти тарс бар ҷои худ нишастам. Ва чун шунида будам, ки назди шер агар касе забон ба мулоимат ва хушомад кушояд ва худро таслим намояд, шер бар вай раҳм мекунад. Аз тарси ҷон паҳлу бияфтодам ва ба забони гирифта ва лол мегуфтам:

– Шерҷон, Шерҷон, бар ҳоли ман бубахшоӣ ва панҷа ба хуни ман наолоӣ, ки ман ба қасди ту набаромадаам, балки аз барои ризқу рӯзӣ пайдо кардан баҳри ҳезум омадаам. Ин гуфта ба дарзаҳои ҳезум ишора мекардам.

Чун шер таслими ман мушоҳида кард, шӯрише, ки дошт, таскин ёфта наздиктарам омад ва атрофи маро хуб санҷид, ки тир ва туфанг надорам, ғайр аз арра ва доси қимабурӣ. Пас дар пеши ман ба сари ду пой биншаст ва бар ман ба чашми хобида менигарист ва ба ямину ясор (чапу рост) кушода медид ва дум меҷунбонид. Ташхис кардан, ки бо ман нармӣ дорад... ишора мекард, ки «пештари ман ой», ман аз ҳавли ҷон намефаҳмидам, то даст ба китфи ман ниҳод, гумон кардам, ки санги осиёб бар дӯши ман ниҳоданд. Он гоҳ дасти маро ба оҳистагӣ бикашид ва бар болои пои худ ниҳод. Донистам, ки дарде дорад ва маро ба муолиҷаи он мехонад. Дидам, ки дар миёни

ангуштони пои ӯ чӯбе аз ҷангал халида шикаста мондааст ва чирк ва рим карда: барои гирифтани ӯ маро ишора ҳамекунад...

**Аҳмади Дониш**

**Луғат:**

***Бодия*** – саҳро.
***Мулоимат*** – нармӣ.
***Наолой*** – олуда накун.
***Муолиҷа*** – табобат.
***Азим*** – калон.
***Бубахшой*** – раҳм кун.
***Ташхис кардан*** – мушоҳида кардан.

**Савол ва супориш:**

**1.** Ҳикоят дар бораи киҳо нақл мекунад?
**2.** Ҳезумкаш ба ҷангал барои чӣ рафтааст?
**3.** Ҳезумкаш аз тарси ҷон ба чӣ даромадааст?
**4.** Шер ба ҳезумкаш чӣ гуна муомила кардааст?
**5.** Сипас шер ба ҳезумкаш чиро ишора мекунад?
**6.** Хониши хомӯшона гузаронед.

**Машқи 1.** Матнро хонед, чор ҷумлаи онро интихобан нависед ва хели ҷумлаҳоро муайян кунед.

**Машқи 2.** Ба саволҳои зерматн хаттӣ ҷавоб нависед. Ҳангоми кор навишти саволҳо сарфи назар гардад.

**Супориш:** Хелҳои ҷумлаҳои навиштаатонро муайян созед.

**Машқи 3.** Сархати дуюми матнро нависед ва мазмунашро нақл кунед.

## ДАРСҲОИ 247–248

## ҶАРРОҲӢ

### II

Он гоҳ теғча аз киса бароварда ба адои зарифона ва андешаи он, ки мабодо дарди шер зиёд шуда, бар ман хашм гирад, он чӯбро аз пои шер ҷудо кардам, ки ба қадри як ангушт тӯл дошт ва хун аз ҷароҳати ӯ метаровид. Ва шер аз ғояти дард чашм пӯшида дандон мехоид ва об аз чашмаш мерехт. Ман ба шавқ ҷароҳаташро мемакидам ва зардоби онро ба ҳар тараф ба туф меандохтам.

Фавран ҷомаи худро чок карда парча бардоштам ва ба риштае ҷароҳати ӯро маҳкам бастам ва пушт ва паҳлуи ӯ бихоридам. Шер сар бардошт ва ба пой нигоҳ карда изҳори миннатдорӣ намуда, бархост, саҳеҳ ва солим рӯй ба роҳи омадаи худ ниҳод. Ман эмин ва боваринок ҳезумҳоро фароҳам оварда бардошта бар пушт ниҳодам ва озими манзил гаштам.

Пеш аз он ки ба деҳа расам, дидам, ки боз он шер ба таъҷили тамом меояд... Тарсидам, ки балои рафта боз омад... Дар ин замон бо ман расида гӯсфанде фарбеҳ бар гардани худ дошт ва он гӯсфанд бе ҳис ва ҳаракат ҳамчу мурдае пой ва сар овезон, оварда пеши ман оҳиста ниҳода зуд баргашт. Дидам, ки гӯсфанд зинда аст ва ҳеҷ захм ва ҷароҳат бар аъзояш нест, ғоят он ки аз хавфи хасм ғаше оварда, бешуур гашта. Зуд ӯро забҳ намудам (сар буридам), мабод, ки то ба деҳа расидан қолаб тиҳӣ кунад (ҷон диҳад). Он гоҳ ӯро ба хона кашидам ва чандин рӯз ба рафоҳият гузаронидам...

**Аҳмади Дониш**

Азизон, некӣ ва накӯкорӣ сифати беҳтарини инсон аст. Бикӯшед ва худро бо ин сифат биёроед. Бидонед, ки накӯкорӣ ҳам чанд шарт дорад:

1) некӣ қабл аз ҳама, ба эҳтиёҷмандон кунед; 2) баъди некӣ кардан лоф назанед, ки ман некӣ кардам; 3) ба ивази некӣ мукофоти амал интизор набошед; 4) некӣ агар пеш ояд, ба рӯзи дигар нагузоред; 5) ҳамеша дар фикр ва пайи некӣ бошед; 6) худ некӯкор бошед, то фарзандон биомӯзанд; 7) пеши фарзандон ва аҳли хонавода фақат аз некӣ гап занед; 8) аз накӯии накӯкорон мисолҳо биёред; 9) ба истиқболи некӣ битозед, на некӣ ба истиқболи шумо; 10) ҳар гуна кору заҳматро бо некӣ анҷомед; 11) аз нав сар кардани кори нек дерӣ надорад.

**Луғат:**

***Қима*** – ҳезум, ҳезуми буттагӣ.
***Аз ҳавли ҷон*** – аз тарси ҷон.
***Туф*** – оби даҳон.
***Қолиб тиҳӣ накунад*** – ҷонаш аз тан набарояд.
***Таслими ман*** – мағлубияти ман.
***Муолаҷа*** – муолиҷа, табобат.
***Хасм*** – душман.
***Хашм*** – қаҳр.

**Супориш:**

**1.** Матнро хонда маънидод кунед.
**2.** Аз рӯи мазмуни матн саҳнача ташкил карда гузаронед:

**Иштирокчиён:**
**1.** Шер **2.** Ҳезумкаш **3.** Баранда **4.** Гӯсфанди бехуш

**Машқи 1.** Луғатҳоро нависед ва онҳоро дар хотир гиред.
**Машқи 2.** Матнро пурра хонед ва ба хели ҷумлаҳои истифодашуда диққат диҳед.

**Таъкид:** Нотарсу далер бошед!

## ДАРСҲОИ 249–250

## ТОҶИКИСТОН

То нафас боқист, гулпарвар шавед,
Хушдилу хушрӯву барнотар шавед.
Ҳар саҳар дар шабнами гулҳои тар,
Рӯй моледу саропо тар шавед.
Чун падарҳо дар қадамгоҳи диёр,
Ҳар қадам аз хеш монед ёдгор.
Ҳар баҳорон ин замин гул кардааст,
Ин замин дидаст моро ҳар баҳор.
Ҳар дарахташ шоҳсутуни хонаест,
Ҳар қадам хокаш сари бегонаест.
Кӯҳсору як кафи хоке, ки ҳаст,
Саргузаште дораду афсонаест.
Ин замин тоҷикро хӯрондааст,
Ин замин тоҷикро пӯшондааст.
Ин замин бо дӯстон гул мекунад,
Душманонро ин замин гӯрондааст.
Ҳар саҳар аз бӯи гул дигар шавед,
Хушдилу хушрӯву барнотар шавед.
Дар қадамгоҳи азизони диёр,
То нафас боқист, гулпарвар шавед.

**Шоҳмузаффар Ёдгорӣ**

### Савол ва супориш:

**1.** Шеърро қироат кунед.
**2.** Дар шеър чӣ васф шудааст, гуфта диҳед.
**3.** Чаро шоир мисли падарҳо аз худ ёдгор монед гуфтааст?
**4.** Барои чӣ кӯҳсору ҳар ваҷаб хоки Тоҷикистон саргузашт доштааст?
**5.** «Ин замин бо дӯстон гул мекунад» гуфтани шоир чӣ маънӣ дорад?
**6.** Дар чор мисраи охир шоир чӣ таъкид кардааст?
**7.** Оё шумо ҳам гулпарвар шудан мехоҳед?

**Машқи 1.** Матнро такроран хонед ва чор мисраашро нависед.
**Машқи 2.** Ҷумлаҳои навиштаатонро маънидод кунед.

**Намуна:** То нафас боқист, гулпарвар шавед, ...

**Супориш:**
**1.** Байтбарак ташкил кунед.
**2.** Матни шеърро хонда, якчанд мисраи онро дар синф аз бар созед.
**3.** Чор мисраи охири шеърро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 251–252

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки дар вилояти Ҳалаб бешае буд, ки дарахтони бисёр ва чаману марғзори беҳадду канор дошт. Дар он беша шери модае буд, ки ҳамеша ба ҷангу пархош омода ва доимо ба хун рехтан машғул буд ва панҷаю даҳон ба хуни ҷонварон меолуд...

Шер ду оҳубарраеро дид, ки дар он саҳро чарокунон мегаштанд ва модари меҳрубон ба расми нигаҳбон он ҷо меистод. Шер қасди гирифтани онҳо кард. Оҳу фарёд баркашида гуфт:

– Эй малик, аз сайд кардани ин ду наврасида чӣ ояд? Дидаи маро ба фироқи фарзандон гирён масоз ва дили маро аз ҷудоии ҷигаргӯшаҳо бирён макун. Охир ту низ фарзанд дорӣ, аз онҳо биандеш, ки ба онҳо низ ҳамин ранҷ хоҳад расид.

Шер низ ду бача дошт, ки ҷаҳони равшанро дар рӯи онҳо медид. Дар он вақт, ки ӯ ин ҷо қасди оҳубаррагон карда буд, сайёде дар беша ба гирифтани шербачагон машғул буд. Ин ҷо шер ба зории

оҳу илтифот нанамуда бачагонашро бикушт ва он ҷо сайёд ҳар ду бачаи ӯро бикушт ва пӯст кард.

Магар душмани хонадони худӣ,
Ки бар хонадонҳо писандӣ бадӣ?

Оҳу аз пеши шер рамида дар фироқи фарзандони нозанин ба ҳар тараф саросема медавид... Аз ҷониби дигар шер ба беша боз омад ва бачагони худро кушта дида фарёду фиғон ба осмон расониду гуфт:

– Дарде ба дил расида, ки ороми ҷон бирафт.

Дар ҳамсоягии шер шағоле буд, ки дар гӯшаи танҳоӣ менишаст, ба расми таъзият наздики шер омад... Шер гуфт:

– Ин бало ба бачагони ман аз куҷо расида бошад?

Шағол гуфт:

– Ин мукофоти амали туст, ки рӯй ба ту овардааст.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Луғат:**

***Ҳалаб*** – номи вилояте дар Арабистон.
***Фироқ*** – ҷудоӣ.
***Илтифот*** – лутфу марҳамат.
***Рамида*** – тарсида.
***Расми таъзият*** – дилпурсӣ.

**Машқи 1.** Натиҷа ва хулосаи матнро нақл кунед.
**Машқи 2.** Ба саволҳои зерин ҷавоби хаттӣ нависед:
**1.** Дар бешаи вилояти Ҳалаб чӣ воқеа рух додааст?
**2.** Шери бераҳм бачаҳояшро гузошта ба сайди чӣ баромад?
**3.** Оҳу-модар чӣ илтиҷо кард?
**4.** Оё шер зорию таваллои оҳуро ба назар гирифт?
**5.** Ниҳоят шери золим ба оҳубарраҳо чигуна муносибат кард?
**6.** Бачаҳои шерро сайёд ба чӣ расонид?
**7.** Шер аз шағол чӣ пурсид ва чӣ ҷавоб шунид?
**Машқи 3.** Аз матн хелҳои ҷумлаҳоро муайян кунед.

**Хулоса:**
Бадӣ кунӣ – бадӣ бинӣ. Некӣ кунӣ – некӣ бинӣ.

**Супориш:**

**1.** Матнро такроран хомӯш хонед ва ҷумлаҳои саволиро интихоб карда нависед.

**2.** Ба ду гурӯҳ (чорнафарӣ) тақсим шавед ва як гурӯҳ оиди некӣ ва гурӯҳи дуюм дар бораи бадӣ сӯҳбат ташкил кунед ва бо мисолҳо фаҳмонед.

**3.** Дар ҷумлаҳоятон исму сифат ва феълҳоро истифода баред.

## ДАРСҲОИ 253–254

# ЯК ПОРА НОНИ ХУШК

Сайфулло, ки аз кӯча гурусна монда омада буд, ба хона даромада, даррав нондонро кофт. Нондон холӣ буд. Ӯ аз модаркалонаш нон пурсид. Модаркалон фаҳмонд, ки дар дастархон як пора нони боқимонда ҳаст. Аз хурма ҷурғот гирифта, нонро дар он реза карда хӯрад. Як дам пас хамир мерасад. Сайфулло аз хурма ҷурғот гирифта ба рӯи миз оварда монд. Сонӣ дастархонро кушода нонро дид, ки обаш андак гурехтааст.

– Ин нони хушк-ку. Намехӯрам. Нони мулоим ёфта диҳед! – ҷабин чин кард ӯ.

Нон хушкӣ надорад, писарам. Ба ҷурғотат, ки реза кардӣ, мулоим мешавад, – гуфт модаркалон ва дарзашро ба як сӯ монда, ба назди Сайфулло омада, пораи нонро ба косаи ҷурғот резакунон беихтиёр азоби рӯзҳои гузаштаро пеши назар овард ва як лаҳзаи онро ба наберааш нақл намуд:

– Ҷанги хонумонсӯз давом мекард. Мардумро ба комаш фурӯ мебурд. Бобоят ба фронт рафта буд. Дар ақибгоҳ гуруснагӣ сар шуда буд. Мардум чизи хӯрданӣ надоштанд. Оилаи мо ҳам танқисӣ мекашид. Модарат ҳамон вақт 5-6 сола буд. Ногоҳ касал шуда монд. Вай дар беморхона якчанд рӯз хоб карда баромад. Ба ӯ дами гарм лозим буд. Вале мо ғайр аз як каф орди нахӯд дигар чизе надоштем. Акаи модарат – Нуралӣ ҳамон солҳо мудири анбори колхоз шуда кор мекард. Барои камтар орди гандум қарз гирифтан ба ҳавлиаш рафтам. Аз хонааш бӯи нони гарми гандум меомад. Зани ӯ Зикабибӣ

дар танӯр фатир баста будааст. Маро дида базӯр ба саломам ҷавоб гардонд. Вай фатирҳоро аз ман паноҳ карданӣ шуда, ба рӯи танӯр сандалӣ оварда монд. Ман агар менишастам, фатирҳо дар танӯр месӯхтанд. Нуралиро сӯроғ кардам.

– Саҳарии барвақт баромада ба кораш рафт, – гуфт занаш.

– Ман кордориамро баҳона карда, аз он ҷо баромадам. Модар як оҳи сард кашиду наклашро давом дод:

– Дар роҳ ба бахтам усто Назар вохӯрда монд. Худораҳматӣ одами хуб буд. Касалии модаратро ба ӯ гуфтам. Усто Назар маро ба хонааш бурд. Занаш таги сурфаро (суфра) таконда, хамир мекард. Мушт барин хамирро ду тақсим кардем. Ман ба ӯ пул додам, нагирифт. Ҳамон хамирро шуста, аз оҳари он се маротиба атола пухта ба модарат додам...

Ҳикояи модаркалон ба Сайфулло хеле таъсир карда буд, ки ӯ беихтиёр бо пушти чумча резаҳои нонро ба даруни ҷурғот тела медод.

– Вақте ки модарат сиҳат ёфт, – давом дод модаркалон, – ҳар ду ба саҳро баромадем. Ман дарав мекардаму модарат хӯшачинӣ. Як навъ рӯз мегузарондем.

Ҷанг тамом шуд. Фаровонӣ омад. Мегӯянд, ки дар дунё бадӣ аз ёди кас намеравад. Ин расм будааст, писарам. Сандалиро ба болои танӯри фатирдор ниҳодани Зикабибӣ, мурам ҳам, аз хотирам намеравад. Некии усто Назар бошад, ҳамеша дар пеши назарам. Худораҳматиро мисли падарам дӯст медоштам.

Модаркалон ҳикояашро ба охир расонд. Дар сари мижгонҳои нотавонаш чанд қатра ашк пайдо шуданд. Ӯ бо сари остинаш саросема оби дидагонашро пок карду ба набераաш нигарист.

Сайфулло нони дар ҷурғот фалла барин мулоимро ба чумча гирифта ба даҳон мебурд. Кампир суханашро давом дод:

– Ана нагуфтам, нон хушкӣ надорад, писарам. Ҷурғот нонро даррав мулоим мекунад. Ману модарат нони хушкро дар сари замин дар оби хунуки чашма тар карда мехӯрдем. Нон дар даҳонамон асал барин мазза медод. Нону ҷурғотоби набот, – гуфтаанд. Аз нон рӯ нагардон, писарам, убол мешавад. Ҳар гуна ноне, ки ёбӣ, шукрона карда хӯр. Агар дилат накашад ҳам, барои

ҳурматаш аз он каме шикану чашида бин. Дар дунё аз нон дида баҳурматтар чизе нест, писарам.

Маро ҳурмат карданӣ бошӣ, насиҳатҳои маро асло аз гӯшат набарор.

**Нӯъмон Розиқ**

**Луғат:**
***Танқисӣ*** – азоб, душворӣ.
***Ҷабин*** – пешонӣ.

**Савол ва супориш:**

**1.** Модаркалон ба Сайфулло чӣ маслиҳат дод?
**2.** Модаркалон кадом лаҳзаҳои ҳаёти худро нақл кард?
**3.** Зани Нуралӣ нонҳоро аз кӣ пинҳон кард?
**4.** Баъд модаркалон ба кадом одами нек вохӯрд?
**5.** Зани усто Назар як мушт хамирро чӣ кор кард?
**6.** Бадии Зиккабибӣ ва некии зани усто Назар чаро фаромӯш намешудааст?
**7.** Нон аз ҳама чиз чӣ будааст?
**8.** Шумо аз хондани ҳикоя ба чӣ хулоса омадед, нақл кунед.

**Машқи 1.** Матнро ба қисмҳо ҷудо карда, сарлавҳа гузоред.
**Машқи 2.** Ҳар як қисми матнро алоҳида-алоҳида хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**Машқи 3.** Аз матн лаҳзаҳои таъсирбахши модаркалони Сайфуллоро интихоб карда нависед.

**Хулоса:** Нонро азизу муқаддас доред, чунки нон асоси ҳастии мост.

Нон бар мо давлати дунё бувад,
Нон бар мо аз ҳама боло бувад.

## ДАРСҲОИ 255–256

### НӮШЕРВОН ВА МАРДИ ПИР

Рӯзе Нӯшервон ба шикор рафта буд ва дар саҳро гашта пиреро дид, ки чормағз мекошт.

Гуфт:

– Эй пир чӣ мекунӣ?

Гуфт:

– Подшоҳро умр дароз бод, дарахти чормағз мекорам.

Нӯшервон гуфт:

– Ту марде пирӣ, чӣ тамаъ дорӣ, ки ҳосили он бихӯрӣ?

Гуфт:

– Киштанд, хӯрдем, корем, хӯранд.

**Муҳаммад Авфӣ**

#### Савол ва супориш:

**1.** Нӯшервон ҳангоми шикор ба кӣ вохӯрд?
**2.** Марди пир чӣ кор мекард?
**3.** Нӯшервон чӣ суол дод?
**4.** Пир чӣ ҷавоб гардонд?
**5.** Мазмуни матнро аз худ кунед.
**6.** Мувофиқи мазмуни матни «Нӯшервон ва марди пир» нақли хаттӣ нависед.

## ДАРСҲОИ 257–258

### ИМЛОИ САНҶИШ

### ХАРИ ҲИЛАГАР
**(Афсонаи халқӣ)**

Будааст, набудааст, як хар будааст. Хар як рӯз аз хонаи соҳибаш гурехтаасту ба домани кӯҳе рафта, чарида гаштааст. Онҷо

шикоргоҳи як шер будааст. Ҳамон рӯз шер омада дидааст, як ҳайвони гӯшдароз алаф хӯрда гаштааст.

Шер пештар ин хел ҷонварро надида будааст, ҳайрон шуда, ба пеши хар омада пурсидааст:

– Эй меҳмони мӯътабар, шумо кистед?

– Ман ҳангшер ҳастам! – гуфтааст хар сар бардошта ва боз машғули алафхӯрӣ шудааст. Шер ин номро шунида, шах шуда мондааст. Хар бошад, аз тарс тамоми овозашро сар дода, чунон ҳангос задааст, кӯҳу саҳро ба ларза даромадааст.

Шер як қад парида ба ақиб гурехта, ба кӯҳ баромада рафтааст. Гурехта рафта истода будааст, ки аз пешаш як гурги калон баромада пурсидааст:

– Эй баҳодури баҳодурон, ба ту чӣ шуд? Аз чӣ тарсида гурехта истодаӣ?

– Эҳ напурс, – гуфтааст шер, – ҳангшер гуфтанӣ ҳайвоне пайдо шудааст, овозаш замину осмонро ба ларза меоварад.

– Чӣ хел хабари хуш, – гуфтааст гург.

– Ӯро ба ман нишон деҳ ва тамошо кун, ки ман ӯро чӣ тавр боб мекунам, – гуфтааст гург.

Гург ба пеши хар омада гуфтааст, ки ман туро мехӯрам. Хар тарсидаю ларзида, мегӯяд, ки ту маро дар ин ҷо нахӯр, хубтараш ба пушти ман савор шаву пойҳоятро ба шиками ман ҷафстар куну чашмонатро пӯш, ман сахт метозам, мабодо афтида наравӣ ва маро дар ҷои хилват мехӯрӣ. Гург гуфтаи харро иҷро кардааст.

Хар, ки дар пушташ гург савор буд, ба даште меравад, ки он ҷо саворон машғули бузкашӣ буданд. Назарашон ба гурги харсавор афтод.

Бузкашон бузро ба як тараф монда, ба гург часпиданд: аз чор пояш чандин даст дошта, ба ҳар тараф чунон кашидаанд, гург порапора шуда рафтааст.

Шер аз болои кӯҳ ин аҳволро дидаю тамошо карда, қаҳ-қаҳзанон хандидааcту «нагурехтагӣ номард», – гӯён ба кӯҳҳо баромада рафтааст.

Хар бошад, «доноӣ шакару нодонӣ заҳр», – гӯён бо хотири ҷамъ зиндагӣ карда гаштааст.

### Савол ва супориш:

**1.** Шер бо чӣ вохӯрд ва он чӣ гуна аз назди хар гурехт?
**2.** Гург ба шер чӣ гуфт ва оқибат хар гургро чӣ гуна масхара намуд?
**3.** Шер ба аҳволи гург чаро хандид?
**4.** Матнро оромона хонед.

## ДАРСҲОИ 259–260

## МАЗДАКИ БОМДОД

Маздак писари Бомдод тақрибан соли 465 таваллуд шудааст. Зодгоҳаш шаҳри Истахри Форс аст. Ӯ марде буд ҷасур, доно, ҳушманд. Орзу дошт, ки одамонро баробару бародар бинад, яке дорову дигаре камбағал набошад, яке шоду дигаре ғамгин нанишинад. Вай талаб мекард, ки сарватмандон сарвати худро ба камбағалон низ диҳанд ва дигар хасису ҳасуд набошанд. Аммо сарватмандон инро намехостанд. Онҳо Маздакро бад медиданд. Суханони ӯро шунида қоҳ-қоҳ механдиданд ва мегуфтанд, ки ба камбағалон ним танга ҳам намедиҳанд.

Маздак дид, ки кор ба хубӣ буд намешавад, тарафдоронашро ба шӯриш даъват намуд. Тамоми косибону деҳқонон шӯриш карданд. Аҷоибаш ин буд, ки шоҳи Эронзамин Қубоди Аввал низ тарафи Маздакро гирифт.

– Ман сарвати худро ба камбағалон мебахшам, – гуфт ӯ. – Кори Маздак дуруст аст! Амр медиҳам, ки ҳамаи сарватмандон чунин кунанд! Инро шунида сарватмандон ранҷиданд. Онҳо низ шӯриш карда, Қубоди Аввалро ба зиндон партофтанд. Лекин шоҳ ба чӣ ҳила аз зиндон гурехт ва ба назди шоҳи Ҳайтолиён рафт.

– Эй шоҳи аъзам, – гуфт вай, – ту ба ман ёрӣ расон, то дубора ба тахт нишинам.

– Ман ба ту ёрӣ мерасонам, – гуфт шоҳи Ҳайтолиён, – лекин мо қабилаи кӯчӣ ҳастем, қувватамон кам аст.

Онгоҳ Қубоди Аввал аз Маздак имдод хост. Маздак розӣ шуд. Вай лашкар кашида, душманони Қубодро пароканда намуд ва тахту

тоҷро ба ӯ баргардонд. Қубод Маздакро дӯст ва маслиҳатгари худ таъин намуд.

Аз миён чанд моҳ гузашт. Рӯзе Қубод ба худ чунин андешид «Маздак одами доност. Мабодо маро кушаду худ шоҳ шавад».

Қубоди Аввал аз ин фикр чунон тарсид, ки дигар хобаш набурд. Вай зуд Маздакро наздаш хонд. Маздак омад. Ӯ рост ба чашмони шоҳ нигариста ҳамаашро фаҳмид.

– Эй Қубод, – гуфт вай, – ту маро куштан мехоҳӣ?

Шоҳ рӯйрост – «Бале» нагуфт, баҳонаи дурӯғ овард.

– Ту, – гуфт вай, – ба ҷои ман шоҳ шудан мехоҳӣ, Маздак!

Маздак гуфт:

– Агар ман тахту тоҷи туро мехостам, кайҳо соҳиб мешудам. Ман барои мансаб не, барои манфиати камбағалон мубориза мебарам!

Шоҳ гуфт:

– Аммо ман барои камбағалон ҳеҷ кор намекунам. Сарватмандон аз ман рӯ тофтанд, маро бад диданд.

Маздак гуфт:

– Маълум шуд, ки ту аз раъят гаштӣ, Қубод. Ин кори хуб нест. Ту дурӯя шудӣ, аз ту дигар некӣ намеояд. Халқ ба ту якумр лаънат хоҳад хонд! Аз ин ҷавоб Қубоди Аввал сахт ранҷид. Вай писараш Хусрави Анӯшервонро фармуд, ки Маздакро ба дор овезад.

Хусрави Аввали Анӯшервон амри падарашро ба иҷро расонд. Маздаки Бомдод дар таърихи халқи мо чун мубориза роҳи адолат ҷовид монд.

Ӯ қаҳрамони халқи тоҷик аст.

**Ҳазрат Сабоҳӣ**

**Луғат:**

***Ҳасуд*** – рашкбар, бадхоҳ, бадандеш.
***Кӯчак*** – хурд, майда.
***Сарват*** – бойгарӣ.
***Кӯчӣ*** – кӯчанда, бодиянишин.
***Раъй*** – қавл, аҳд, гуфта.

### Савол ва супориш:

**1.** Маздак кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
**2.** Орзуи асосии Маздак аз чӣ иборат буд? (Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан ҷумлаҳои сеюм ва чорумро аз матн хонед.)
**3.** Сарватмандон – бойҳо барои чӣ Маздакро бад медиданд?
**4.** Маздак ноилоҷ монда, киҳоро ба шӯриш даъват намуд?
**5.** Қубоди Аввал тарафи киро гирифт ва даъвати Маздакро чаро қабул намуд?
**6.** Баъдтар Қубод нисбат ба Маздак чӣ бадгумонӣ кард?
**7.** Маздаки доно ба шоҳ чӣ ҷавоб медиҳад ва шоҳ ба фарзандаш чӣ мефармояд?
**8.** Чаро то ҳол номи Маздак дар ёду забони халқ зинда аст?

**Таъкид:**
Қаҳрамонон намемиранд ва номашон ҷовид мемонад.

**Машқи 1.** Матнро аз аввал бо овози шунаво ва баъд бе овоз хонед.
**Машқи 2.** Матнро аз назар гузаронед ва аввал ҷумлаҳои саволӣ, баъд ҷумлаҳои хитобиро нависед. (Барои ёфтани ҷумлаҳои саволию хитобӣ ба охири ҷумлаҳо назар кунед, ки кадом аломат гузошта шудааст.)
**Машқи 3.** Аз матн суханони Маздакро ҷудо карда такроран хонед ва ба маънои онҳо дуруст диққат диҳед.
**Машқи 4.** Номи Қаҳрамонони Тоҷикистонро нависед.
**Намуна:** С. Айнӣ, ...

## ДАРСҲОИ 261–262

## АДИБ ВА ҚАҲРАМОН

Эҳ, зиндагӣ, зиндагӣ, аҷиб ҳастӣ ту! Эҳ, роҳҳо, роҳҳои дуру дароз, ҳамвору ноҳамвор, пургарду чанг!

...Ҳа, роҳ-роҳ аст. Ва ин роҳи ҳамвору мумфарш ҳам ниҳоят қафо монд. Ронандаи мошини сабзранг, ки тоқии чустиро яклаба ба сар монда буд, кадом як суруди шиносро зери лаб замзама мекард. Ниҳоят, мошинро зери сояи тутзорҳои сабзу хуррам боздошт.

Ва ҳамин дам чашми ман ба гурӯҳи одамоне афтод, ки дар тан либоси идонаю дар даст гулдастаҳои тару тоза доштанд. Садои карнаю сурнай ба фалак мепечид.

Ҳа, хоҷагии шӯҳратёр ва овозадори ба номи Домулло Азизови ноҳияи Хуҷанд он фасли баҳорон кишти пахтаро анҷом дода буду тантана дошт ва сафари адибони тоҷик ба назди деҳқонон ид болои ид буд.

Нону намаки марди деҳқонро боэҳтиром ба дидаҳо молидаву чашида, бо миннатдориҳо сари таъзим наздашон фуруд овардем. Сари таъзим ба дастони пуробилаи меҳнатқарин, чеҳраҳои аз таъсири офтоб рангин, ба марзаву замин.

Ҷамъомади суханрониву шеърхонӣ фаро расид. Чашмони ман нависандаро меҷустанд.

Касе меҳрубонӣ карда ба канори роҳ ишора намуд. Ва ман ҳамин лаҳза манзараеро дидам, ки ба тасвираш сухан камӣ мекунад.

Нависанда марди лоғарандом ва гандумгун, гармрӯеро сахт ба оғӯш кашида, сар ба китфони майдаҳаки ӯ ниҳода буд. Ҳар ду оби дида мерехтанд.

Чи лаҳзаи аҷибу чи лаҳзаи ҳаяҷоновар! Ман он рӯз дар хоҷагие, ки номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Домулло Азизовро дорад, лаҳзаи вохӯрии ду мард, ду инсони наҷиброро дидам, ки дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок кардаанд ва имрӯз ҳам ҳар ду дар майдони меҳнат қаҳрамонӣ мекунанд.

Чи хуш, ки оғӯшкашии бародаронаи нависандаи номии ҷумҳурӣ Фотеҳ Ниёзии ҳафтодсоларо бо қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳодӣ Кенҷаев дар Қистакӯзи Хуҷанди Қадима дидам ва дар қатори ҳазорон ҳаводорони илму адаб аз тахти дил ҳай кафкӯбиҳо кардам.

Зиҳӣ, нависандаи ҷанговар, зиҳӣ, марди қаҳрамон!

**Ибод Файзуллоев**

**Машқи 1.** Матнро хонда мазмуни онро нақл кунед.

**Машқи 2.** Аз рӯи мазмуни матн ҷои воқеаро муайян созед. Ҷумлаҳои хитобиро, ки дар аввал ва охири матн омадаанд, нависед.

**Машқи 3.** Дар бораи Қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақл кунед. Номи Қаҳрамонони Тоҷикистонро дар хотир нигоҳ доред:

Домулло Азизов, Ҳодӣ Кенҷаев, Сафар Амиршоев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Эргаш Шарифов, Неъмат Қаробоев, ... (давом диҳед).

**Машқи 4.** Доир ба исму сифат якчанд мисол нависед.

**Намуна:** Гули сурх, ...

## ДАРСҲОИ 263–264

## ХОТИРАИ ОХИРИН

Моҳи июни соли 1954 ба Душанбе чанд кас аз нависандагони Корея меҳмон шуда омаданд. Нависандагони мо бо онҳо дар ҳамон боғи истиқоматгоҳи Айнӣ вохӯрданд. Айнӣ чанде пеш аз Самарқанд тамоман кӯчида омада буд.

Дар байни мову меҳмонони кореягӣ саволу ҷавоб сар шуд.

Дар асनои сӯҳбат ман нохост ба сӯи хонаи таомхӯрӣ нигоҳ карда дидам, ки дар болои зинаи айвон Айнӣ рост истодааст.

Нурҳои офтоби тобистон аз қабати шоху барги дарахтон гузашта, пайкари устодро равшан карда буданд... Айнӣ чашмонашро нимроғ карда ба тарафи мо нигоҳ мекард. Ёд дорам, ки он вақт ӯ дар тан шиму кители сафед дошта, дар дасташ асо буд. Ба худ гуфтам, ки рафта бо устод вохӯрӣ кунам, аммо аз сӯҳбати меҳмонон хеста рафтанро ба худ раво надидам.

Айнӣ хеле вақт ба тарафи мо нигоҳ карда истод. Баъд сарашро хам карду қафо гашта, бо қадамҳои суст ба хона даромада рафт...

Кай медонистам, ки ин дидори охирин буда, ба ман дигар ҳеҷ гоҳ дидани ӯ муяссар намешавад.

* * *

Аз мобайн як моҳ нагузашта устод Садриддин Айнӣ абадӣ аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Ман Айниро дар тобут дидам, медонам, ки ӯ вафот кардааст, вале ҳар гоҳ, ки номи ӯро ба забон оварам, ҷасади беҷони ӯро не, балки ҳамон дидори охиринро ба хотир меоварам, ки устод дар айвон, дар болои зина рост истодаасту чашмонашро нимроғ карда нигоҳ мекунад ва офтоб ба сар то пои ӯ нур мепошад.

Садриддин Айнӣ як умр ба халқи худ содиқ буд. Ӯ тамоми ҳаёти худро ба хизмати халқ бахшид. Чунин одам ҳеҷ гоҳ намемирад ва хотираи пуршарафи ӯ ҳамеша аз партави офтоби муҳаббати халқ дурахшон хоҳад буд.

**Пӯлод Толис**

**Луғат:**

***Аснои сӯҳбат*** – вақти сӯҳбат.
***Пайкар*** – қомат.
***Абадӣ*** – якумр, ҷовид.
***Партав*** – шӯъла.

**Савол ва супориш:**

**1.** Матнро бо овози шунаво хонед.
**2.** Қабл аз хондани матн ба маънифаҳмӣ омода шавед.
**3.** Кадом сол нависанда Пӯлод Толис Садриддин Айниро охирин бор дидааст?
**4.** Шумо дар бораи Айнӣ чӣ медонед, нақл кунед.
**5.** Ба номи Айнӣ чиҳо номгузорӣ шудааст? (майдони Айнӣ, ноҳияи Айнӣ, кӯчаи Айнӣ, маҳаллаи Айнӣ, боғи Айнӣ, ...)

**Таъкид:**
Қаҳрамони аввалини Тоҷикистон Садриддин Айнӣ мебошад.

Айнӣ нависандаест, ки забони моро аз ҳуҷуми аҷнабиён – кӯчманчиёну бодиянишинон муҳофизат кард.
Айнӣ донандаи забардасти забони халқи тоҷик буд.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**Машқи 2.** Давоми ҷумлаи ... ӯ тамоми ҳаёти ...-ро аз матн ёфта, нависед ва аз ёд кунед.
**Машқи 3.** Мулоҳиза: Чаро Айнӣ ба гурӯҳи меҳмонон – нависандагон бисёр нигоҳ кард, вале ба наздашон нарафт?
Дурусттар фикр кунед, ба ин савол ҷавоб хоҳед ёфт.
**Супориш:**
**1.** Сарҳати шашуми матнро такроран хонед.
**2.** Сарҳати охири матнро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 265–266

### УМР ҒАНИМАТ АСТ

Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт,
«К-аз хоб касеро гули шодӣ нашкуфт.
Чизе чӣ кунӣ, ки бо аҷал бошад ҷуфт,
Бархез, ки умрҳот мебояд хуфт!»

**Умари Хайём**

Худованд дар ин дунё ба кас як бор умр медиҳад. Вақте ки инсон таваллуд мешавад, ӯ чанд соле, ки насиб карда бошад, ҳамон қадар умр мебинад. Умри инсон хеле кам аст. Инро ҳама медонанд. Вале дидаю дониста қисми зиёди одамон умри азизи худро боз камтар мекунанд. «Наход»? – Мепурсед шумо. «Бовар надорам, ки инсон бар алайҳи хоҳиши худ амал намуда, умри ширини худро кӯтоҳ кунад». Мо низ бовар надорем. Аммо иқрор бояд шуд, ки ҳамин тавр аст.

Умри инсон шабонарӯзро мемонад. Шабонарӯз, ки аз 24 соат иборат аст, ба ду ҳиссаи баробар тақсим мешавад: шаб ва рӯз. Шаб – 12 соат, рӯз ҳам 12 соат. Рӯз қисми фаъоли умр, шаб қисми ғайрифаъоли он аст, яъне умри одам шабона асосан бо хоб мегузарад. Хосса, касоне, ки хобро зиёд дӯст медоранд, нисфи умрашон дар хоб мегузарад ва аммо хоби сахт худ марг аст. Ба ин маънӣ, агар одаме 68 сол умр дидаю нисфашро мисли шаб дар хоб ва ё корҳои беҳуда гузаронида бошад, пас ӯ ҳамагӣ 34 сол умр дидааст. Пас, чӣ бояд кард то умри одам дароз шавад ва ё он қадар, ки насиб кардааст, қисми зиёдашро фаъол гузаронад, яъне умр бинад? Ба ин савол Ҷомии бузургвор чунин ҷавоб медиҳад:

...Бошад эй карда рӯ ба роҳи талаб,
Ними умри ту рӯзу ниме шаб.
Шаби ту чун ҳама гузашт ба хоб,
Умри ту нима шуд ба вақти ҳисоб.
Медиҳад бӯи гул насими саҳар,
Лек аз он марди хуфтаро чӣ хабар?!

Пеш аз он ки-т аҷал кунад бедор,
Гар намурдӣ, зи хоб сар бардор!

### Савол ва супориш:

**1.** Худованд ба одам чанд бор умр медодааст?
**2.** Чаро умри инсонро чун шабонарӯз меҳисобанд?
**3.** Умри инсон ба чанд қисм тақсим мешудааст?
**4.** Ҷомӣ дар бораи марди хуфта (хобрафта) ва зарари хоб чӣ гуфтааст?
**5.** Умари Хайём чаро хобу аҷалро бо ҳам баробар донистааст?

**Машқи 1.** Шеъри Умари Хайёмро нависед, хели ҷумлаҳоро муайян кунед.
**Супориш:** Рубоии Умари Хайёмро аз ёд кунед.
**Машқи 2.** Панҷ ҷумлаи сархати аввали матнро нависед, хели ҷумлаҳоро муайян кунед.

**Хулосабарорӣ:**
Ҳар як одам бояд худро ба кам хоб рафтан одат кунад. Аз рӯи ҳисоби олимон аз нисф зиёди умри одам ба хоб мегузарад. Аз ин рӯ умри азизро зиёдтар ба меҳнат бояд сарф кард, на ба хоби зиёд. Аз хоби зиёд одам худро вазнин ҳис мекунад ва кораш бебарор мешавад.

**Машқи 3.** «Хулосабарорӣ»-ро нависед, дар хотир гиред.
**Супориш:** Рубоии Умари Хайёмро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 267–268

## БА КАМХОБӢ ОДАТ КУН!

Вале бо ин мо гуфтанӣ нестем, ки инсон хоб наравад. Хоб ҳам яке аз шартҳои зиндагонӣ ва талаботи ҷисми одамист. Аммо инсон бояд «ба кам хуфтан одат кунад».

**Луқмони Ҳаким**

Азизон, агар хоҳед, ки бештар умр бинед, камтар хоб равед ва аз пандномаи Ҳаким Аттор баҳра баред:

Эй писар, бисёр хоҳӣ хуфт, хез!
Гар хабар аз рӯз дорӣ, – гуфт: – хез!
Боз кай гардад чу тир андохтӣ,
Ҳамчунин умре, ки зоеъ сохтӣ.
Умрро медон ғанимат ҳар нафас,
Чун равад дигар наёяд боз пас.

Вақте ки инсон ин ҷаҳонро падруд гуфт, умрбод мехобад. Вале ҳоло ки зинда аст, бояд дар тараддуди умр ва зиндагии худ бошад. Яке аз шартҳои дарозумрӣ ва аз умри худ файз бурдан саҳар (яъне вақти бомдод) хестан аст.

Донӣ, ки сапедадам хурӯси саҳарӣ,
Ҳар лаҳза чаро ҳамекунад навҳагарӣ?
Яъне, ки намуданд дар оинаи субҳ,
К-аз умр шабе гузашт, ту бехабарӣ.

**Умари Хайём**

Эй камар баста касби рӯзиро,
Субҳхезӣ далели фирӯзист.
Баҳри хоби сабоҳ чашм мабанд,
З-он ки ин хоб монеи рӯзист.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

Субҳи барвақт хусусияти хосе дорад. Ба қавли Муҳаммади Ҳиҷозӣ «Субҳи равшан он аст, ки бо дили поку меҳрубон аз хоб бархезем». Ва дар ҷои дигар «Ҳар рӯз субҳ аз осмон нидо мерасад, ки торикиҳоро аз худ фурӯ бирез ва зиндагиро аз сар бигир». Дигар ин ки: «ҳар кӣ бо нағмаи субҳи мурғон ҳамовоз шавад, рӯз ҳама сархуш хоҳад буд».

Беҳуда бузургон саҳархезиро ташвиқу тарғиб накардаанд.

### Савол ва супориш:

**1.** Чаро тамоман хоб нарафтан барои саломатӣ зарар дорад?
**2.** Кам хоб рафтан ҳам одамро чӣ мекардааст?
**Машқи 1.** Аз шеърҳо ҷумлаҳои саволӣ ва хитобиро ба дафтаратон нависед.
**Машқи 2.** Матни болоро пурра хонда маънидод кунед.
**Машқи 3.** Чор мисраи шеъри Умари Хайёмро нависед ва дар хотир нигоҳ доред.

## ДАРСҲОИ 269–270

## ИМЛОИ САНҶИШ

## ТАБИБИИ АБӮАЛИИ СИНО

Абӯалӣ Сино дар Бухоро табобатхона доштааст. Ҳар касе, ки касал шавад, пешоби худро нависонда, дар рафчаи табобатхона монда мерафтааст. Баъд Абӯалӣ Сино дар вақтҳои муайянкарда, давои онро мегуфтааст, шогирдаш навишта гирифта, ба бемор медодааст. Аксари беморҳо сиҳат мешуданд.

Як муллои бухороӣ, ки ҳамеша Абӯалӣ Синоро кофир гуфта, наҳ зада мегаштаасту ба донишмандию ҳакимии вай бовар намекардааст, халқи авомро фиреб медиҳад гуфта, ташвиқот мебурдааст. Рӯзе ҳамон муллои бухороӣ ба хизматгораш фармудааст, ки пешоби модаговашро ба шиша андохта, гирифта биёрад. Хизматгор ин фармони мулларо ба ҷо овардааст. Худи мулло пешоби говашро ба табобатхонаи Абӯалӣ Сино бурда мондаасту аммо номи хизматгорашро навиштааст.

Рӯзи дуюм Абӯалӣ Сино бо ҳамроҳии шогирдаш ҳаррӯза барин пешобҳоро як-як аз назар гузаронида давои ҳар як беморро гуфтан гирифтааст.

Вақте ки навбат ба пешоби мулло овардагӣ расидааст, Абӯалӣ Сино андаке истода фикр кардаасту баъд гуфтааст:

– Ба соҳиби ин гӯед, ки модаговашро нағз парвариш кунад, кунҷораю тарит диҳад, фарбеҳ ва сершир мешавад.

Шогирди Абӯалӣ Сино ин суханҳои муаллимашро навишта, ба зери шишаи муллои бухорӣ мондааст. Баъд мулло омада, коғазчаро хондаасту рафта ба зери пои Абӯалӣ Сино сар мондааст.
Матнро хонда, мазмунашро нақл кунед.

## ДАРСҲОИ 271–272

## ОДОБИ СУХАН ГУФТАН

Бидон, ки шарафи одамӣ ба гуфтор аст. Ҳар кӣ ба одоби сухан риоя накунад, аз ин шараф бебаҳра мемонад. Ба шарте, ки сухан бамаврид ва бамаъниӣ бошад, вагарна хомӯшӣ будан беҳтар аст.

Агар пурсанд, ки одоби гуфтор чанд аст, бигӯй:

– Ҳашт аст.

Аввал ин ки сухан муносиби ҳолат бигӯяд (яъне бамаврид гӯяд).

Дуюм, ба лутф (ба нармӣ) сухан гӯяд.

Сеюм, дар вақти гуфтор хандонрӯй бошад, на туршрӯй.

Чорум, сухан чандон гӯяд, ки малоли хотири шунаванда нагардад.

Панҷум, сухане гӯяд, ки манфиате дошта бошад.

Шашум, бе фикр сухан нагӯяд, ки пушаймонӣ орад.

Ҳафтум, дар миёни сухани мардум сухан нагӯяд, сухани касеро набурад.

Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи оқилӣ нест. Агар пурсанд, ки сухани пок кадом аст, бигӯ: он сухане, ки аз он нафъ ба касе расад.

Агар пурсанд,ки сухани бад кадом аст, бигӯ он сухане, ки аз он зарар ба касе расад.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Супориш:**

**1.** Матнро бодиққат хонед ва мазмунашро дар хотир гиред.
**2.** Сархати аввали матнро нависед.
**3.** Ҷумлаҳои навиштаатонро маънидод кунед.
**4.** Ҳашт одоби сухангӯиро аз бар кунед.

## ДАРСҲОИ 273–274

## ДУДИ ҲАЗОРИСПАНД

Як вақтҳо дар тамоми шаҳри Бухоро касалии вабо паҳн мешавад. Муромурӣ бисёр авҷ мегирад. Одамон ҳама ҳайрон ва чӣ кор карданашонро намедонистанд. Баъзеҳо Бухороро тарк карда, бо молу ҳолашон ба шаҳрҳои дигар кӯчида мераванд, баъзеҳо ба тақдирашон тан дода, «ҳарчӣ шавем, шавем», – гуфта, дар хонаҳояшон мемонанд. Подшоҳи Бухоро барои пеши ин касалиро гирифтан, ҳамаи уламою донишмандони мамлакатро ҷамъ карда, ба онҳо супориш медиҳад, ки илоҷи аз ин бало халос кардани мардумро ёбанд.

Аммо ҳеҷ кас дар ин бобат ҳеҷ кор карда наметавонад. Иттифоқо ба подшоҳ хабар медиҳанд, ки дар кадом як кунҷи шаҳр Абӯалӣ гуфтагӣ як табиби ҷавон ҳасту агар тавонад, илоҷи ин хел касалиро фақат ҳамон кас ёфта метавонад. Одам монда Абӯалиро ба назди подшоҳ гирифта меоянд. Подшоҳ Абӯалиро дида аввал назараш намегирад, баъд дилу бедилон мегӯяд:

– Агар дар ҳақиқат табиб бошед, ягон чораи ҳамин касалро бинед.

Абӯалӣ хуб мегӯяд ва хоҳиш мекунад, ки барои ӯ ҳазорспанди бисёре ҷамъ карда биёранд. Бо фармони подшоҳ хоҳиши Абӯалӣ зуд иҷро мегардад. Абӯалӣ ҳазориспандро дар мобайни шаҳр ғун карда, онро дуд мекунонад. Дуд тамоми шаҳрро фаро мегирад. Ҳама ҷо сипсиёҳ дуд, ҳама ҷо бӯи ҳазориспанд. Аз бисёрии дуд чашм кушода як қадам пеш монда намешавад. Баъд аз ин ҳодиса ба одамони касал оҳиста-оҳиста ҷон медарояду касалӣ аз шаҳр барҳам мехӯрад. Подшоҳ ба доногии Абӯалӣ қоил шуда, ба ӯ пулу чизи бисёр медиҳад ва офарин мегӯяд. Аз ин кори Абӯалӣ одамон мефаҳманд, ки ҳазориспанд ба касалии вабо даво будааст.

### Савол ва супориш:

**1.** Дар шаҳри Бухоро кадом касалӣ пайдо шуд?

**2.** Одамон аз чӣ сабаб бисёр мемурданд?

**3.** Шоҳ олимону донишмандонро ҷамъ карда ба онҳо чӣ супориш медиҳад?

**4.** Оё олимон аз ӯҳдаи иҷрои супориши шоҳ мебароянд?
**5.** Ба подшоҳ чӣ хабар расонданд?
**6.** Абӯалӣ ба назди шоҳ рафта чӣ хоҳиш мекунад?
**7.** Супориши Сино чӣ тавр иҷро гардид ва чӣ гун карданд?
**8.** Одамонро кадом гиёҳи кӯҳӣ наҷот дод?

**Хулосаи матн:** Касалии вабо сахттарин бемории дар дунё ба ҳисоб меравад. Ин касалӣ аслан аз чиркинӣ ва бадбӯии атроф ба вуҷуди одамон мегузарад. Чунонки аз мазмуни матн хулоса кардем, ин намуди касалиро танҳо Абӯалӣ ибни Сино табобат карда метавонистааст халос. Сино ин хел беморро ба воситаи сӯхтани гиёҳи кӯҳии испанд даво бахшидааст.

## МУНДАРИҶА

Забони модарӣ
(хониш ва инкишофи нутқ)

Калима . . . . . . . . . . 4
Шиносои умумӣ бо ҳиссаҳои нутқ . . . . . . . . . . 11
Исм . . . . . . . . . . 16
Кишвари мо Ҷумҳурии Тоҷикистон . . . . . . . . . . 28
Такрори исм . . . . . . . . . . 80
Феъл . . . . . . . . . . 81
Дӯстони безабони мо . . . . . . . . . . 88
Зарбулмасал ва мақолҳо . . . . . . . . . . 90
Имлои санҷиш бо супориши грамматикӣ . . . . . . . . . . 106
Такрор ва ҷамъбасти феъл . . . . . . . . . . 124
Сифат . . . . . . . . . . 124
Имлои санҷишӣ . . . . . . . . . . 160
Пешояндҳо . . . . . . . . . . 168
Баҳор, хуш омадӣ, биё! . . . . . . . . . . 169
Такрор ва ҷамъбасти пешояндҳо . . . . . . . . . . 176
Ҷумла . . . . . . . . . . 177
Имлои санҷиш. Хари ҳилагар . . . . . . . . . . 206
Имлои санҷиш. Табибии Абӯалии Сино . . . . . . . . . . 217

Бозор Боронов, Боймуҳаммад Бойев

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 3-юм

**Гурӯҳи нашрӣ:**

Муҳаррир С. Ҳамроева
Мусаҳҳеҳ Ш. Олимова
Дизайн ва ороиш М. Муродов
Муҳаррири техникӣ Д. Қурбонов
Чопи компютерӣ М. Боева
Саҳифабанд Г. Мирзаметов

**© Х.Х. "Сарпараст", 2004**
**Литсензия № 049**
**© ЗАО "Издательство "Учебная литература", 2004**

Ба чопаш 10.03.04 имзо шуд.
Андозаи коғаз 70x90 1/16. Коғази офсетӣ.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Чопи офсетӣ.
Ҳаҷм 14 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 100 000

---

Заказ 12922.

Государственное унитарное предприятие
ордена Трудового Красного Знамени
полиграфический комбинат
Министерства Российской Федерации
по делам печати, телерадиовещания
и средств массовых коммуникаций.
410004, Саратов, ул. Чернышевского, 59.

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## СУРУДИ МИЛЛИИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ, ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*



НАШРИЁТИ САРШАРАСТ ИЗДАТЕЛЬСТВО